Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

10 августи соли 2002. Шанбе № 61 (12803)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.30 имзо гардид.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Дар бораи аз 1 сентябри соли 2002 зиёд кардани ҳаҷми музди меҳнати омӯзгорон ва муаллимони муассисаҳои таълимӣ, кормандони илмӣ

Ба мақсади ба таври илова рағбатноксозии меҳнати кадрҳои илмиву омӯзгорӣ, беҳдошти шароити ҳаёти иҷтимоиву маишӣ ва моддии кормандони илмӣ, омӯзгорони мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, муаллимони литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунар, муассисаҳои маълумоти миёнаи махсусу олӣ:

1. Аз 1 сентябри соли 2002 музди меҳнати омӯзгорони мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, муаллимони литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунар, муассисаҳои маълумоти миёнаи махсусу олӣ, кормандони илмии донишкадаҳо ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки аз ҳисоби буҷа бо маблағ таъмин карда мешавад, ба ҳисоби миёна 1,2 баробар зиёд карда шавад.

2. Аз соли таҳсили 2002-2003 сарбории педагогии омӯзгорони мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, омӯзгорони литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунар, муассисаҳои таълими миёнаи махсусу касбии муассисаҳои таълимӣ ба ин миқдор муайян карда шаванд: синфҳои ибтидоӣ—18 соат дар давоми ҳафта, синфҳои болоӣ 20 соат дар давоми ҳафта; литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунар, муассисаҳои таълимии маълумоти миёнаи махсусу олӣ 800 соат дар давоми сол.

3. Хароҷотхое, ки бо баланд бардоштани музди меҳнат мувофиқи Фармони мазкур пешбинӣ гардидаанд, аз ҳисоби Буҷаи давлатии ҷумҳурият бо назардошти тағйир додани сарбории педагогӣ пардохта шаванд.

4. Ба Вазорати маориф, Вазорати маълумоти миёнаи махсус ва олӣ, Фарҳангистони улуми Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Маркази маълумоти миёнаи махсус ва касбу ҳунар, вазорату идораҳое, ки дар тасарруфи худ муассисаҳои таълимӣ ва илмиву тадқиқотиро доранду аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ бо пул таъмин карда мешаванд, супурда шавад:

якҷоя бо Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва бо ризомандии Вазорати молия дар бадали ду ҳафта ҳаҷмҳои нави музди меҳнати омӯзгорони мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, муаллимони литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунар, муассисаҳои маълумоти миёнаи махсус ва олӣ, кормандони илмиро тасдиқ намоянд;

дар соли таҳсили 2002-2003 ба вуҷуд овардани синфу гурӯҳҳоро баробари риоя намудани меъёрҳои сарпурии синфхонаҳо (гурӯҳҳо) ва сари вақт гузарондани тарификатсияи музди меҳнати омӯзгорон ва муаллимон таъмин созанд.

5. Инҳо беэътибор дониста шаванд:

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 2 июни соли 1990 рақами 12;

банди I Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 13 ноябри соли 1990, рақами 93.

6. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар бадали ду ҳафта ба Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон таклифҳоро оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ пешкаш намояд, ки аз нуктаҳои Фармони мазкур бармеояд.

7. Фармони мазкур дар матбуот чоп карда шавад.

Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.КАРИМОВ.

шаҳри Тошканд, 7 августи соли 2002.

Ба пешвози ёздаҳсолагии истиқлолият

Ба бар либоси нав мегирад

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар сол тантанаҳои идона бахшида ба солгарди истиқлолияти ҷумҳурият дар майдони асосии пойтахти мамлакатамон—шаҳри Тошканд майдони Мустақилият мегузарад. Аз ин рӯ ҳар сол дар ин ҷо дар ҳаҷми калон корҳои бунёдкорӣ, васлгарӣ, ободониву сабзу хуррамгардонӣ ба иҷро мерасанд.

Имсол низ майдони мазкур ба ҷашни истиқлол тайёрии ҳаматарафа мебинад. Ба обу ҳавои гарми тобистон нигоҳ накарда, корҳо дар тамоми қитъаҳо суръату сифати баланд пайдо мекунанд. Бинокорон, васлгарон ва лоиҳакашон ба иди аз ҳама азизу бузурги халқи Ўзбекистон омодагии хуб мебинанд. Ва ҳар сол майдони мазкур ба туфайли саъю кӯшиш, рафтори эҷодкоронаи мутахассисон боз ҳам зеботару назарработар шуда, ба бар либоси нав мегирад.

—Ҳоли ҳозир дар иҷрои корҳои бунёдкориву васлгарӣ се ташкилоти калони бинокорӣ—трести рақами 12 ва колоннаи сайёри механиконидашудаи рақами 2 ва раёсати бинокории 32 иштирок менамоянд,— мегӯяд саркори раёсати пудратчии асосии корҳо Баҳодур Акбаров.— Онҳо алҳол бо корҳои рангубору ородиҳӣ шуғл меварзанд. Мутахассисони иттиҳодияи «Тошшаҳарнур» корҳои бо чароғҳои барқӣ ва барқ таъмин кардани майдонро ба иҷро мерасонанд. Намояндагони Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Технолог» бошанд, минбарҳоро қад кашонданд ва сутуну стулҳоро васл менамоянд.

Ба мо гуфтанд, ки дар ин ҷо ба иҷрои корҳо ҳамагӣ як моҳ пеш шурӯъ карданашон нигоҳ накарда, фаъолияти доманадор сурат гирифт ва аз ин рӯ қариб тамоми қитъаҳои майдон омодаи коранд.

Ба гуфти васлгарон ва бинокорон ба зиммаи онҳо масъулияти калон гузошта шудааст. Охир корҳои бунёдкорӣ ва васлгарӣ сари вақт ба анҷом расанд, дар он сурат майдони кор ба дигар ташкилотҳо фароҳам оварда мешавад. Ва он бошад, тақозо дорад, ки онҳо ин обектҳоро саривақт ба кор омода созанд. Корҳо бошанд, он қадар масъулиятноканд, ки пеш аз ҳама аз нигоҳи бехавфӣ аҳамияти калон доранд.

—Мо масъулиятро хуб дарк карда, аз ҳар дақиқаи кор моҳирона истифода бурда, ба мақсад мерасем,—мегӯяд дуредгари Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Технолог» Анатолий Лукянов.—Аз имконияту захираҳои мавҷуда моҳирона истифода мебарем. Рӯҳбаландӣ, фахру ғурури дар чунин корҳои масъулиятнок иштирок намудан ба мо илҳоми нав ба нав мебахшад.

—Мо ҳам масъулияти худро хуб дарк кардаем,— ба сӯҳбат ҳамроҳ мешавад коргари иттиҳодияи «Тошшаҳарнур» Фарҳод Сафаров,— вазифаи мо оро додани майдон ба чароғҳои ҳархела, тавассути он ошно сохтани ҳар кадоме, ки ба ин майдон қадам мепартояд, бо комёбиҳои Ўзбекистони мустақил дар тӯли ёздаҳ соли роҳи пешрафти мустақилона аст. Чароғҳои рангоранге, ки дар майдон гузошта мешаванд, панноҳое, ки тавассути чароғҳо равшан карда мешаванд, бешак дар дили ҳар кадом фахру ғурурро аз ин ватани ободу зебо ҷойгир месозад...

Майдонро давр мезанем. Бинокорон ва васлгарон корҳои худро ба анҷом расондаанду баъзе ҷойҳои нотамоми бунёдкориро ба сомон мерасонанд. Ба гуфти онҳо дар рӯзҳои наздик дар ин ҷо сабзу хуррамкунон аз раёсати ободонии ҳокимияти шаҳри Тошканд ҷилави корро ба даст мегиранд. Онҳо дар бобати гулпӯш кардани майдон, кабудизоркунии роҳравҳо нақши калоне мебозанд. Ин корҳо ба тезӣ ба анҷом мерасанду инону ихтиёри майдон ба ҳунарварони касбиву ҳаваскорони санъат мегузарад. Чунки дар саҳнаи асосӣ машқи онҳо оғоз мегардаду барномаҳои мухталиф аз озмоиш мегузаранд. Беҳтарини онҳо аз барномаи консертӣ бахшида ба ёздаҳсолагии истиқлолияти ҷумҳурият ҷо мегиранду ба ўзбекистониён ва меҳмонони сершумори он як олам таассурот боқӣ хоҳанд гузошт. Охир, дар ин барномаи консертӣ беҳтарин ҳунарварони касбӣ ва ҳаваскорони санъат аз саросари ҷумҳурият иштирок мекунанд.

То ҷашни истиқлолият қариб бист рӯз боқӣ монд. Маҳз тантанаҳои асосӣ дар ҳамин майдон ҳам 31 август ва ҳам 1 сентябр ба амал меоянд.Ва ҳар кадоми мо бесаброна мунтазир мешавем, ки аз саросари майдон суруди маҳину мусиқа, оҳангҳои ҷаззоб садо медиҳанд, мамлакати ободу озод, халқи меҳнатдӯсти онро тараннум мекунанд.

Дар суратҳо: 1. Кормандони иттиҳодияи «Тошшаҳарнур» **Исроил Исломов, Фарҳод Сафаров, Зокир Ўразов**. **2.** Дуредгари ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Технолог» **Анатолий Лукянов**. 3—4. Лаҳзаҳо аз рафти тайёрӣ ба ҷашни истиқлол.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Анҷоми фаъолияти сафири Ҷопон

Сафири Фавқулодда ва мухтори Ҷопон дар Ўзбекистон Кёко хонум Накаяма фаъолияти дипломатии худро дар мамлакатамон бомуваффақият ба анҷом расонда, ба ватани худ бармегардад.

Ба ҳамин муносибат ўро дар қароргоҳи Оқсарой Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов пазируфт. Сарвари мамлакатамон ба фаъолияти дипломатии К.Накаяма дар Ўзбекистон баҳои баланд дод.

Маълум аст, ки рафти рушди муносибатҳои байнидавлатӣ аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти дипломатҳо вобастагӣ дорад. Ва ин ҳақиқатро фаъолияти Кёко Накаяма дар Ўзбекистон бори дигар тасдиқ мекунад. Дар давраи фаъолияти сафирии ў ҳамкории сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ байни Ҷопон ва Ўзбекистон ба дараҷаи баланд инкишоф ёфт. Охири моҳи гузашта Президент Ислом Каримов бо сафари расмӣ ба Ҷопон ташриф овард. Дар рафти сафар изҳороти муштарак дар бораи дӯстӣ, шарикии стратегӣ ва ҳамкорӣ, ҳамчунин муносибатҳои иқтисодӣ байни мамлакатҳоямон, ҷонибдории ислоҳот дар Ўзбекистон ба имзо расиданд. Баробари ин зиёда аз даҳ ҳуҷҷати мухталиф ба имзо расид.

Ислом Каримов зикр намуд, ки дар ҳамаи ин корҳои нек саҳми Кёко Накаяма калон аст ва ў дар бобати рушди муносибатҳои байни Ўзбекистону Ҷопон нақши махсус бозид ва ба сафир дар фаъолияти минбаъдааш комёбиҳо ва бурдбориҳоро таманно намуд.

Кёко Накаяма ба Президенти Ўзбекистон барои кӯмаку ҷонибдории доимиаш дар рафти иҷрои фаъолияташ миннатдорӣ изҳор кард.Вай махсус зикр намуд, ки он солҳоро фаромӯш намекунад,ки дар мамлакати мо гузарондааст ва ба ватани худ бо хотироти бой бармегардад.

Қайд бояд кард, ки дар давраи фаъолияти сафирии Кёко Накаяма аз тарафи Ҷопон бисёр грантҳо, минҷумла оид ба рушди таълим ва тандурустии Ўзбекистон ҷудо карда шуданд. Пеш аз ба ватан баргаштан сафир боз як кори некро ба иҷро расонд. 7 август ў дар пойтахт ба боз се грант имзо гузошт. Арзиши умумии грантҳое, ки аз рӯи хатти кӯмаки ройгони Ҳукумати Ҷопон ба лоиҳаҳои хурдҳаҷм ҷудо карда мешаванд, 139,966 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод.

(ЎзА).

Вазифаи умдаи пахтакорон

Моҳи август дар бобати парвариши зироати кишоварзӣ, аз он ҷумла пахта ҳалкунанда, моҳи босуръат зиёд кардани миқдори ҳосил мебошад. Ва он аз баҳодурони саҳро баробари қатъан риоя намудани қоидаҳои агротехникӣ, хушсифат гузарондани обмонӣ, мубориза ба муқобили алафҳои бегонаву ҳашароти зараррасон суботкориро тақозо дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соли ҷорӣ дар пахтазори ҷумҳурият таҳкурсии мустаҳкам барои ба даст овардани ҳосили фаровон ба вуҷуд оварда шудааст. Аз он ҷумла, дар қисми зиёди ноҳияҳои вилоятҳои Андиҷон, Сурхондарё, Фарғона, Намангон, Самарқанд ва Тошканд нашъунамои ниҳолҳои пахта хуб аст.

Дар ин бора дар маҷлиси селекторӣ сухан рафт, ки дар Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ўзбекистон И.Ҷўрабеков ба амал омад. Дар кори он сарварони вазорату кумитаҳо, идораҳои дахлдор, ширкатҳо, Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо, сарварони хоҷагиҳои ҷамоавӣ, ширкатӣ ва калони фермерӣ иштирок намуданд.

Оид ба ин масъала иттилооти ҷонишини аввали вазири кишоварзӣ ва хоҷагии об С.Бегалиев, ҷонишини аввали раиси Ширкати «Ўзқишлоқхуҷаликкимё» Ш.Муҳаммадалиев, раиси Ассотсиатсияи «Ўзагромашсервис» Ш.Нишонов, ҳокимони вилоятҳои Андиҷон Қ.Обидов, Фарғона А.Отабоев, Тошканд У.Мирзоқулов ва дигарон шунида шуданд.

Дар тадбир Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Т.Алимов, ҷонишини Нахуствазир Р.Азимов, М.Усмонов, В.Отаев, Н.Юсуфов иштирок намуданд.

(ЎзА).

Пеш аз иҷлосияи IX Олий Маҷлис

Бо назардошти дигаргунозиҳои ҷамъият

Ҳоли ҳозир ҳаёти мамлакатамон қариб ҳар рӯз тағйир меёбад. Ҷараёнҳои навсозӣ бошиддат амалӣ мегарданд. Шаклу мазмуни муносибатҳои иҷтимоӣ баробари ҳамоҳангӣ бо замон нав мешаванд. Ин бошад, тақозо дорад, ки заминаи қонунгузорӣ ҳам бо ин дигаргунсозиҳо ҳамоҳангӣ пайдо карда, барои рушди минбаъда такони навбатӣ бахшанд.

Мақомоти қонунбарории мамлакатамон— Олий Маҷлис дар симои вакилони халқ ҳаракат мекунад, ки ҳар як қонуну қарор ҳамоҳанги замон гардида, ба меъёру андозаҳои байналхалқӣ пурра ҷавобгӯ бошад. Аз ин рӯ дар ҳар як иҷлосияи парлумон ба қонунҳо тағироту иловаҳо дохил карда шуда, лоиҳаи қонунҳое мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки ҳамоҳангии қонунҳоямонро ба ҷараёни дигаргунсозиҳо, амиқ гардидани ислоҳот таъмин месозад. Аз он иҷлосияи навбатии Олий Маҷлис орӣ нест, ки 29 августи соли кунун ба амал меояд. Дар он силсилаи лоиҳаи қонунҳое мавриди муҳокима қарор мегиранд, ки чӣ аз ҷиҳати мақом ва чӣ мазмун навгонӣ пайдо карда, барои минбаъда мустаҳкам кардани комёбиҳои навбатӣ дар соҳаҳои мухталиф хизмат хоҳанд расонд.

Яке аз ин масъала лоиҳаи Қонун «Дар бораи омори давлатӣ» мебошад, ки аз нав таҳия гардида, дар қироати аввал баррасӣ мегардад. Ба ҳамагон маълум аст, ки аз ин нӯҳ сол муқаддам дар ин бобат қонун қабул гардида, дар рафти арзи амали худ мақсаду вазифаҳои худро пурра ба иҷро расонд ў дар бобати таъмини барқарории меҳиқтисодиёти мамлакат, дигаргун сохтани шаклҳои моликият, аз нав ташкил кардани соҳаҳои иқтисодиёт натиҷаҳои мусбиро бахшид. Қонуни мазкур дар тӯли арзи ҳастии нӯҳсолаи худ барои ҳукумат на танҳо воситаи муайянкунандаи сиёсати босамари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардид, балки низоми мукаммалеро ба вуҷуд овард, ки оиди вазъи ҳақиқии иқтисодиву иҷтимоии ҷамъият маълумоти саҳеҳро пешкаш намуд. Дар айни замон мамлакати мо узви таркибии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид ва он тақозо дорад, ки қонунгузории мо дар бобати омор ба қоидаҳое мувофиқат кунад, ки дар амалиёти байналхалқӣ истифода бурда мешаванд. Ва ба муҳокимаи вакилони халқ гузоштани лоиҳаи қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи омори давлатӣ» эҳтиёҷи давру замон мебошад.

Дар хусуси лоиҳаи қонун «Дар бораи боигариҳои қаъри замин» ҳам чунин гуфтан мумкин аст. Қонуни пештара дар ин бобат 23 сентябри соли 1994 қабул гардида, гуфтан зарур аст, ки вазифаи ба зиммааш гирифтаро сари вақт ва бенуқс ба иҷро расонд, баъзе муаммоҳоро ҳаллу фасл намуд. Вале он аз ҷиҳати маънавӣ кӯҳна шуданаш маълум гардид. Чунки дар ин бобат корҳои муайяне ба иҷро расиданд, як қатор муаммоҳо пеш омаданд, ки аз ин нуқтаи назар лозим омад ба қонуни мазкур чандин маротиба тағироту иловаҳо дохил карда шаванд. Аммо бо даровардани тағироту иловаҳо кор буд намешудааст. Аз ин рӯ қарор дода шуд, ки лоиҳаи қонун бо таҳрири нав дар қироати аввал ба муҳокимаи вакилони халқ гузошта шавад.

Агар сабаби ба муҳокимаи иҷлосияи кунун гузоштани лоиҳаи қонунро пурсед, мутахассисон ҳатман чунин ҷавоб мегӯянд: «дар замири лоиҳаи қонуни мазкур маънои чуқур ниҳон мебошад. Сабаб дар солҳои сипаришудаи истиқлол мо баробари мустаҳкам кардани мустақилияти сиёсӣ мақоми муносиб пайдо кардан аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба собитқадамии ислоҳот роҳи васеъро боз намудем. Ашёи хом ба бисёр соҳаҳо шарту зарур шудааст. Ва мебояд ҳар як ваҷаб заминамонро эҳтиёт намуда, боигариҳои ноёби онро марҳала ба марҳала мувофиқи талаб эҳтиёткорона истифода барем.

Ҷумҳуриятамон аз канданиҳои фоиданок ва боигариҳои қаъри замин моломол аст. Дар ҳудуди ҷумҳуриятамон тамоми маъданҳои ҷадвали Менделеевро пайдо кардан мумкин аст ва ба он дигарон бо назари ҳавас нигоҳ мекунанд. Лоиҳаи нави қонун бошад, нуктаҳоро дар бобати истифодабарии ин боигариҳо дар шароити нав, таъмини иштироки сармоядорони хориҷӣ дарбар гирифтааст, бешак дар бобати тезтар азхудкунии хазинаҳоямон нақши калоне мебозад.

Лоиҳаи Қонун «Дар бораи донори хун ва ҷузъҳои он» низ муҳим аст, ки онро ба муҳокимаи вакилони халқ Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва шуғл пешкаш менамояд. Дар таҳияи он гурӯҳи корбаст иборат аз вакилони халқ, олимон ва мутахассисон иштирок намудаанду ниҳоят масъалаи умда буданаш ба касе сир нест. Охир муаммои донорӣ имрӯзҳо дар байни масъалаҳои тиббиву иҷтимоӣ муҳим гардидааст. Пешгирӣ кардани як қатор маризиҳои ба ҳаёт таҳдидовар, кам кардани миқдори фавти модарону фарзандон, фавран расондани кӯмаки тиббӣ ҳангоми ҳодисаҳои мухталифи табиӣ, офатҳо, эпидемия ба донории хун ва ҷузъҳои он узван пайваст аст. Агар мухтасар аҳамияти лоиҳаи қонунро тавзеҳ додан лозимояд, дар он сурат гуфтан зарур аст, ки он барои рушди фаъолияти донорон, инкишофи донорӣ нигаронда шуда, асоси ҳуқуқиро ба вуҷуд оварда, масъулияти сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро дар ин бобат баланд мебардорад.

Алқисса, лоиҳаҳои қонунҳои дар боло номбаркардаамон бо назардошти дигаргунсозиҳои ҷамъият таҳия гардидаанд ва дар бобати мустаҳкам шудани заминаи қонунгузории ҷумҳурият нақши калоне хоҳанд бозид.

Барот МИРОДИЛОВ,
ҳуқуқшиноси унвонҷӯй.

Кёко Накаяма— Аълочии маорифи халқ

Чанд рӯз қабл аз рӯи барномаи кӯмаки беғаразӣ ҳукумати Ҷопон ба лоиҳаҳои хурдҳаҷм чанд шартнома ба имзо расид. Ҳамин тариқ дар се соли охир кӯмаки ҳукумати Ҷопон аз рӯи ин нақша аз 2 млн. доллар гузашт.

Дар Бизнес—маркази байналмилалии Тошканд Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷопон дар Ўзбекистон хонум Кёко Накаяма дар хусуси се гранти дигар ҳуҷҷатро ба имзо расонд, ки яке аз онҳо аз рӯи лоиҳаи бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудани мактаби рақами 60 ноҳияи Мирободи шаҳри Тошканд ба миқдори 50 ҳазору 626 доллар буд. Боз як мактаби дигари пойтахт— № 310 аз ноҳияи Собир Раҳимов инчунин барои ҳамин гуна лоиҳа соҳиби 42 ҳазору 743 доллар гардид.

Як муассисаи дигар— Маркази ҳамоҳангии иҷтимоии занони шаҳри Тошканд барои татбиқи лоиҳаи бехсозии мақоми иҷтимоӣ, касбӣ ва иқтисодии занони бешуғл аз хонаводаҳои камбизоат 46 ҳазору 597 доллар ба даст овард. Аз ҷониби Ўзбекистон шартномаро роҳбарони муассисаҳои номбурда ба имзо расонданд.

Хонум Кёко Накаяма, ки мӯҳлати маъмурияташ ба ҳайси сафир дар Ўзбекистон ба поён расид, дар ин нишаст бо унвони фахрии «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурияти Ўзбекистон» сарфароз гардонда шуд.

— Маҳз дар давраи маъмурияти шумо таваҷҷӯҳ ба мактабҳо зиёд гардид, ки бо назардошти ин вазорати маориф қарор намуд хизмати Шуморо бо унвони фахрӣ тақдир намояд, ки ин аввалин нишони сарисинагии намунаи нави «Аълочии маорифи халқ» мебошад, ки ба шумо тақдим мегардад,— гуфт ҳангоми супурдани он вазири маорифи халқи Ўзбекистон Рисбой Ҷўраев.

Т.ИКРОМОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Маҷлиси комиссияи ҳукуматӣ

Маҷлиси Комиссияи ҳукуматӣ оид ба масъалаҳои санатсия ва муфлисии корхонаҳо ба амал омада, дар он вазифаҳое, ки аз маърӯзаи Президент Ислом Каримов дар маҷлиси Девони Вазирон 18 июл оид ба кам кардани ғайрисамарабахшии сектори давлатии иқтисодиёт, барҳам задани корхонаҳои зараровару дараҷаи даромадашон паст бармеоянд, мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Маҷлис таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон, раиси комиссия Р. Азимов гузашт.

Зикр ёфт: тадбирҳое, ки дар давраи ҳисоботӣ оид ба аз нигоҳи молиявӣ солимгардонии корхонаҳо андешида шуданд, шумораи корхонаҳои зарароварро кам карда бошад ҳам, вале ба қадри кофӣ намебошад.

Комиссияи ҳукуматӣ диққату эътиборро ба ғайрикофӣ будани корҳо оиди кам кардани дараҷаи зараровари ва паст будани даромади иқтисодии корхонаҳои ширкатҳои давлативу саҳҳомии «Ўзбекэнерго», «Ўзкимёсаноат», Комбинати маъдани кӯҳии Алмалиқ, Иттиҳодияи давлативу саҳҳомии «Иттиҳодияи истеҳсолии тайёрасозии Чкалов»— и Тошканд, Ширкати давлативу саҳҳомии «Ўзқурилишматериаллари» нигаронд.

Дар маҷлис нақшаҳои тадбирҳои маҷмӯъӣ оиди таҷдиду аз нигоҳи молиявӣ солимгардонии корхонаҳои калони дараҷаи даромадашон пасти ассотсиатсияҳои «Ўзавтосаноат», «Ўзэлтехсаноат» , «Ўзмашсаноат», Ширкати саҳҳомии «Ўзқурилишматериаллари» аз нав дида баромада шуданд.

Нақшаи тадбирҳо оид ба таҷдиду аз нигоҳи молиявӣ солимгардонии корхонаҳои калонтарин, аз қабили Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Алпомиш»-и Ассотсиатсияи «Ўзавтосаноат», ҷамъиятҳои саҳҳомии тарзи кушоди «Заводи лифтсозӣ», «Электромаш», «Фотон», «Алгоритм»-и Ассотсиатсияи «Ўзэлтехсаноат», Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Андиҷонмаш»-и Ассотсиатсияи «Ўзмашсаноат», ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Оҳангаронлинпласт»- и Ширкати саҳҳомии «Ўзқурилишматериаллари» тасдиқ гардиданд, ки истифодабарии стратегияи замонавии маркетинг, такмил додани сиёсати номгӯи маҳсулот, баланд бардоштани сифати маҳсулот, сафарбар кардани майдонҳои истеҳсолӣ ва обектҳои таъиноти ғайриистиеҳсолии истифоданашаванда, такмил додани менеҷменти молиявӣ ва маъмурӣ, ҷалб сохтани сармояҳои иловагиро дарбар гирифтаанд.

Мувофиқи фармоише, ки дар маҷлиси Девони Вазирон Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон дод, Комиссия корхонаҳои зараровар ва дараҷаи даромадашон пастро, ки саҳми давлатиро доранд, инвентаризатсия карда, қарорро дар хусуси эълон кардани қавоиди муфлисӣ нисбати 35 корхонаи саҳми давлатидошта қабул намуд.

Ба кумитаи оид ба парвандаҳои корхонаҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ғайриқобил супурда шуд, ки корҳоро оид ба муфлис эълон кардани корхонаҳои зараровари саҳми давлатидошта фаъолона давом диҳад.

Дар кори комиссия сарварони вазоратҳо, идораҳо, ассотсиатсияҳо, ширкатҳои давлативу саҳҳомӣ, корхонаҳо, раёсатхонаҳои ҳудудии Кумита оид ба парвандаҳои корхонаҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ғайриқобил иштирок намуданд.

(ЎзА).

«Вестерн Юнион»— роҳи пулфиристӣ

Аз фаъолияти ширкати «Вестерн Юнион» дар Ўзбекистон як сол пур шуд. Ба ин муносибат роҳбарияти он ба журналистон иттилоъ расонданд.

Ширкат соли 1851 дар ИМА созмон ёфта, ҳоло қариб дар ҳамаи кишварҳои ИДМ фаъолияти худро бо роҳ гузоштааст. Ҳоло он дар Ўзбекистон фаъолтарин ширкате мебошад, ки пули шаҳрвандонро ба ҳар гӯшаи дунё метавонад таҳвил намояд. Дар тӯли ин як соли фаъолият аз тариқи «Бизнес банк», ки он шарики ўзбекистонии «Вестерн Юнион» мебошад, 25 ҳазор нафар аз хизмати он истифода намудааст.

Тибқи қонунмандии ҷумҳурӣ, ки мувофиқи он ҳангоми убур намудани сарҳад манбаи маблағи хориҷии мавҷудаи худро ҳар як шаҳрванди Ўзбекистон дар декларатсия бояд нишон бидиҳад, дар «Вестерн Юнион» низ онро муроот намуда, агар ҳаҷми маблағ зиёд бошад ва ё он бо мақсади тиҷоратӣ таҳвил мегашта бошад, ҳуҷҷатҳои заруриро талаб менамояд, ки ин ҳоло барои баъзе мизоҷҳо нороҳатӣ эҷод мекунад. Фаразан, барои он ки шумо ба ягон авлод ё хеши худ ба хориҷи кишвар пул фиристодан хоҳед, дар хусуси хешутаборӣ худ бояд ҳуҷҷате пешниҳод намоед, ки онро бояд нотариус тасдиқ карда бошад.

Хабарнигори мо.

Роҳи пуршарафи истиқлол

Мардуми Ӯзбекистон тахти сарпарастии Президенти худ дар солҳои истиқлолият ба ҳамаи «дарду маризиҳои» аз замони Шӯроҳо меросмонда шифо бахшида, оқибатҳои гарони сиёсати нодурусти пештараро бартарафу «қурбониҳои» мафкураи замони пешинро наҷот бахшида, бо роҳи худии навсозӣ ва пешрафт дилпурона қадам мепартояд. Яъне мамлакати мо иқтисодро аз сиёсат воло гузошта, дар ин бобат корҳои зиёдеро ба иҷро расонд ва ба иҷро мерасонад.

Ва мо имрӯзҳо дар остонаи ёздаҳумин солгарди истиқлолият истода, то чӣ андоза муҳим будани аз сиёсат воло истодани иқтисодиётро дар мисоли комёбиҳои сершумори Ӯзбекистон мебинем.

Ӯзбекистон алҳол бо беш аз 130 мамлакати ҷаҳон равобити иқтисодиро ба роҳ мондааст. Онҳо мамлакатҳои роҳи тараққиёташон гуногунанду дар қитъаҳои мухталиф ҷойгиранд. Сохташон ҳам мухталиф аст. Онҳо ба мамлакати мо дасти мадад дароз мекунанд, кӯмак мерасонанд, ба моломол кардани бозорамон саҳми муносиби худро мегузоранд. Якҷоя ба вазорату идораҳо ва корхонаҳоямон истеҳсолоти муштарак созмон дода, дар бобати афзун гардондани ҳаҷми истеҳсоли молҳои истеъмолӣ намунаи ибрат мегарданд. Ва инро мо дар мисоли саноати сабуки ҷумҳурият ҳам диданамон мумкин аст, ки дар зер ҳикоя мекунем.

2. Зинаи марказӣ

Саноати сабукро одатан яке аз соҳаҳои «заминавӣ ва агар гуфтан мумкин бошад, зинаи марказии мӯътадилии истеҳсолоти саноатии Ӯзбекистон ном мебаранд. Зеро саноати мазкур, ки алҳол ба содирот рӯ оварда, молҳои истеъмолиро ба халқ тайёр мекунад, миқдори зиёди коркунони соҳаи саноатро ба оғӯши худ гирифтаасту барои рушд бахшидани дигар соҳаҳои саноат сӯзишвориву кимё, мошинсозӣ, наклиёт, кишоварзӣ, энергетика ҳам таъсири бевосита дорад ва он дар солҳои истиқлолият ба таври шинохтанашаванда рушд ёфт, ки пеш аз ҳама шарофати фармонҳои Президент, қарорҳои ҳукумат доир ба ин ҷода ва меҳнати зарбдоронаи коркунони саноати сабук мебошад.

Ва соҳаи мазкур даъват гардидааст, ки ҳаҷм ба содирот баровардани маҳсулотро вусъат дода, моломол кардани бозори дохиларо дар фурсати кӯтоҳ таъмин созад.

Хӯш саноати сабуки ҷумҳурият дар бадали ёздаҳ соли истиқлол чӣ гуна дигаргунсозиҳоро аз сар гузаронд, ба чӣ муваффақ гардиду дар оянда бояд чӣ гуна корҳоро ба иҷро расонад? Мо дар поён ҳаракат мекунем ба ин саволҳо пурра ҷавоб ёбем, онро дар пойгоҳи мисолу далелҳои аниқ исбот намоем.

Маълум аст, ки то соли 1991 дар ҷумҳурият чор маҷмӯи калони бофандагӣ-комбинатҳои Тошканд, Бухоро, Андиҷон ва Фарғона фаъолият доштанд, ки бо таҷҳизоти аз нигоҳи маънавӣ кӯҳнаву барҷомонда ҷиҳозонида шуда, барои тайёр кардани маҳсулоти ба рақобаттобовари содиротӣ қодиру қобил набуданд. Дар истеҳсолот 973,3 ҳазор калоба дар як вақт истифода гардида, ҳамагӣ 10 фоизи нахи пахтаро ба ришта табдил медоданд ба содирот ҳамагон соле 7,7 миллион доллар маҳсулот мебароварданд. Шароити меҳнат ҳам хуб набуд. Дар айни замон комбинатҳои мазкур асосан ба риштаҳои кимёвӣ маҳсулот тайёр мекарданд. Тасаввур кунед: ҷумҳурият қариб шаш миллион тонна пахта тайёр мекарду комбинатҳои худудаш бо риштаи сунъӣ маҳсулот мебароварданду моли пахтагин дар ҳудуди ҷумҳурият камчин ба ҳисоб мерафт. Ба чунин вазъият оё тоқат кардан мумкин буд? Ҳаргиз. Баробари ин нахи пахтаи Ӯзбекистон ба корхонаҳои марказҳои саноатии аз Ӯзбекистон ҳазорҳо километр дур роҳ пеш мегирифт. Аз риштаҳои пахтаи Ӯзбекистон тайёргардида дар корхонаҳои мамлакатҳои лагери сотсиалистӣ маҳсулот тайёр карда, онро бо нархи гарон ба мардуми Ӯзбекистон расонда медоданд. Ягон кас фикр намекард, ки ашёи хоми арзон маҳз аз Ӯзбекистон расидаасту аққалан маҳсулотро бо нархи арзон ба он пешкаш кунем.

Истиқлолият ба саноати сабуки ҷумҳурият низ марҳалаи нави пешрафт ва дигаргунсозиҳоро бахшид. Равобити бевосита бо фирмаву ширкатҳои номдори хориҷа ба роҳ монда шуд. Бо кӯмаки онҳо саноати сабуки ҷумҳурият мебоист ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро вусъат дода, онро ба андозаҳои байналхалқӣ мос гардонда, ба бозори ҷаҳонӣ мебаровард.

Ҳукумат барои рушди соҳа маблағро дареғ надошт. Лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ тартиб дода шуданд. Ба он мебоист фирмаву ширкатҳои хориҷаро ҷалб намуд. Дар тӯли ёздаҳ сол дар соҳаи саноати сабук 35 лоиҳаи калони сармоягузорӣ ба рӯи об баровarда шуд, ки барои он 152 миллиард сӯм маблағгузории асосӣ, аз он ҷумла андозаи 644,4 миллион доллари ИМА сармояҳои хориҷа харҷ гардид. Бо кӯмаки корхонаҳои муштарак ҳаҷми азнавкоркарди нахи пахта ва аз он тайёр кардани маҳсулот ба 240 ҳазор тонна дар давоми сол расонда шуда, таҷҳизотҳои дорои 815 ҳазор калоба,асбобу ускунаи баландмаҳсули босамари ресандагӣ ба истифода супурда шуданду оқибат ҳаҷми ба содирот баровардани маҳсулот хеле вусъат ёфт. Агар соли 1991 ҳамагӣ 7,7 миллион доллар маҳсулоти соҳа ба содирот баромада бошад, он дар тӯли ёздаҳ сол сад маротиба афзуд. Яъне ба беш аз 733 миллион доллари ИМА расид.

Созмон додани корхонаҳои муштарак барои пешравии соҳа кӯмаки калон расонд. Аз он ҷумла маҳсулоти корхонаҳои

муштараки «Кобул Ӯзбек Ко», ки ду фабрикаи калонро дар Тошканду Тӯйтеппа муттаҳид сохтааст, «Кобул-Фарғона Ко», «Чиноз тӯқимачӣ Лтд», «Косонсой Текмен», «Папфен» аз бозори ҷаҳонӣ мақоми муҳимро ишғол намуданд ва ба чӣ қодир будани соҳаи саноати сабуки Ӯзбекистонро дар бозори ҷаҳонӣ намоиш доданд. Азнавҷиҳозонии техникии ҷамъиятҳои саҳҳомии «Намангон текстил», «Аснам текстил», маҷмӯъҳои бофандагии «Каштекс», «Гурлан», «Антекс», корхонаҳои муштараки «Қарокултекс», «Мидитекс» ва ғайра дар бобати хушсифат гардидани маҳсулот нақши калоне бозиданд. Аз ҳисоби маблағҳои худӣ азнавҷиҳозонии техникии бисёр корхонаҳои бофандагӣ, аз он ҷумла ҷамъиятҳои саҳҳомии «Бухоротекс», «Чинобод ПТФ», «Тоштекстил», «Фабрикаи бофандагии Яккабоғ» амалӣ гардонда, завод оид ба истеҳсоли крахмал дар вилояти Тошканд ба истифода супурда, на танҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротиро вусъат дод, балки дар бобати ба вуҷуд овардани коргоҳҳои иловагӣ нақши калоне бозиданд. Ҳамин тавр соҳаи саноати сабук дар тӯли ёздаҳ соли истиқлол соҳиби 17 корхонаи муштарак гардид, ки алҳол дар бобати тайёркнии маҳсулот ва ба содирот баровардани он ҳиссаи калон мегузоранд. Яъне саҳми онҳо дар ҳаҷми умумии маҳсулот аз 2 ба 30 фоиз, ба содирот баровардани маҳсулот аз 17 ба 88,1 фоиз расид.

Сармоядорони хориҷа ҳам пешомаднок будани соҳаи мазкурро ба назар гирифта, сол то сол ҳаҷми сармоягузориро ба ин ҷода пайваста вусъат медиҳанд. Инро рақами зерин собит мекунад: соли 1994 ҳаҷми сармоягузорӣ ба ин соҳа 5,25 миллион долларро ташкил дода бошад, он соли гузашта ба 644,4 миллион доллар расид. Имсол ин рақам ба 829,7 миллион доллар мерасад. Ва он худаш аз то чӣ андоза пеш рафтани соҳаи мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Ҳукумат тахти сарпарастии Президент дар назди соҳа вазифаи ниҳоят масъулиятнокро пеш гузоштааст. Яъне ҳаҷми азнавкоркарди нахи пахта дар ҷумҳурият ба андозаи 50 фоизи ҳаҷми умумии он расонда, содироти маҳсулот аз 120 миллион доллари кунунӣ мебояд соли 2004 ба 500 миллион доллари ИМА расонда шавад. Солҳои минбаъда ин нишондиҳанда бояд ба 650 миллион доллар рост ояд.

Аз ҳамин сабаб аҳли меҳнати Ширкати давлативу саҳҳомии оид ба истеҳсоли молҳои саноати сабуки «Ӯзбекенгилсаноат» мебояд корҳои зиёдеро ба иҷро расонанд. Беҳтар кардани сифати маҳсулот, алалхусус соҳаи дӯзандагӣ, кешбофӣ, қолинбофӣ мақсади аввалиндараҷа қарор дода шудааст. Зеро бояд то соли 2005 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кешбофӣ 3 маротиба, дӯзандагӣ 2 маротиба ва қолинбофӣ ҳам ба ҳамин миқдор вусъат дода шавад. Дар ин бобат ҳам бартарият ба корхонаҳои муштарак дода мешавад. Чунки таҷриба собит кард, ки корхонаҳои муштарак ба тезӣ истеҳсоли маҳсулоти ба рақобаттобоварро таъмин карда, аз бозори ҷаҳонӣ мавқеи худро пайдо мекунанд. Баробари ин техника ва технологияи аз ҳама замонавиро ворид месозанд. Дар айни замон 24,7 ҳазор коргоҳи нав, аз он ҷумла дар деҳот 13,1 ҳазор ба вуҷуд оварда мешавад. Боз як далел. Агар соли 2005 ҳамаи нишондодҳои пешбинигардида иҷро гарданд, дар он сурат Ӯзбекистон дар соҳаи саноати сабук дар саросари ИДМ мамлакати аз ҳама пешқадам мегардад ва бозори ҷаҳониро бо молҳои худ забт намуда, бешак ба яке аз давлатҳои саноати сабукаш тараққикарда дар саросари ҷаҳон мубаддал хоҳад гардид.

Ва далелу рақамҳои пешрафт, ки ба забон гирифтем, бешак аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки саноати сабуки ҷумҳурият дар давоми ёздаҳ соли истиқлол умри дубора дида, алҳол қомати худро рост карда, ба яке аз соҳаҳои асосие мубаддал мегардад, ки асъори зиёди озодтабодулро ба даст меоварад. Асъори озодтабодул бошад, яке аз манбаи муҳими баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолист.

3. Эътимод ба оянда—омили муҳим

Саноати вазнини ҷумҳурият низ дар солҳои аввали истиқлол давраи душворро аз сар гузаронд. Зеро анъаноти равобити доимӣ бо корхонаҳои муҷовири саросари собиқ Иттиҳод халалдор гардида, нарасидани ашёи хом, қисмҳои эҳтиётӣ, сари вақт наёфтани харидорон таъсири манфии худро гузошт. Ва азбаски ин суханонамон хушку холӣ набароянд, ҳаракат мекунем, ки ин фикрро дар мисоли ду корхонаи муқтадири соҳа—комбинати маъдангудозии шаҳри Бекобод ва Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди Комбинати маъдани кӯҳии Алмалиқ исбот намоем.

Комбинати маъдангудозии Бекобод 5 марти соли 1944 ба истифода супурда шуда буд. То истиқлол дар ин корхонаи муқтадир аксар корҳо дастӣ ба иҷро расонда мешуданд. Аз паи миқдор шуда, сифатро фаромӯш мекарданд. Тарзи ташкили меҳнат, тайёркунии кадрҳои баландмалака, риоя ба интизоми технологӣ аз ёд мебаромад. Оқибат дар аввали солҳои 90-ум нақшаи тайёркунии маҳсулот барбод рафт, кор ба дараҷае расид, ки баъзе сехҳо аз кор монданд.

Ва дар чунин шароити вазнин аҳли комбинат дар солҳои аввали истиқлолият ба фаъолият шурӯъ намуд. Рушди минбаъдаи комбинат дар маркази диққату эътибори доимии роҳбарияти мамлакат қарор гирифт. Сараввал, сехи прокат қомати худро рост намуд. Ба вусъати майдони сехи маъдангудозӣ тавассути барқ диққату эътибор пурзӯр гардид. Шакли моликият тағйир дода, комбинат ба ҷамъияти саҳҳомӣ мубаддал ёфт. Дигар ҷораҳои фаврӣ ба нақша гирифта шуда, иқтидори сехи маъдангудозии барқӣ соле ба 250 ҳазор тонна расонда шуд. Мошинҳои пуриқтидор имкон доданд, ки маъдангудозӣ аз рӯи технологияи замонавӣ ба роҳ монда, сифати маҳсулот беҳтар гардад. Азнавҷиҳозонии сехи мартенӣ бошад, имкон дод, ки истеҳсоли навъҳои нав ба нави маҳсулоти серистеъмол ба роҳ монда шавад. Ҳамин тавр арматураҳои кулӯла, қирадор, қубурҳои фӯлодин, золдирҳои майдакунӣ аз конвейер баромаданд. Масъалаи бо ашёи хом—оҳанпора, партови маъданҳои рангаву сиёҳу сафед таъмин кардани корхона дар маркази диққату эътибори доимӣ қарор гирифт. Сехи кислород ҳам ба истифода супурда шуда, маъдан тавассути гази арзон аз нав кор мекардагӣ шуд. Соли 1994 дар ин ҷо боз ду стани золдир-прокат ба истифода супурда, соли 1998 бошад, аз ашёи хоми маҳаллӣ тайёр кардани катодҳо, симҳои пайвандгар ва обкунандаи маъдан ба роҳ монда шуд. Сехи тавассути барқ гудохтани маъдан ба асоси муҳими истеҳсолии комбинат мубаддал ёфт. Печҳои нав ба кор сар карданд. Маҳсулоти нодир-оқатиш азхуд гардид, ки дар бозори ҷаҳонӣ талабгорони зиёде дорад ва аҳли комбинат алҳол соле ба як миллион тонна расондани истеҳсоли онро ба нақша гирифтааст. Баробари ин алҳол маҳсули дасти коркунони комбинат ба Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Эрон ва ғайра ба содирот баровaрда мешавад. Яъне комбинат дар солҳои истиқлолият бори аввал барои ба даст овардани асъори озодтабодул мушарраф гардид, ки роҳро барои техника ва технологияҳои нав боз кардааст.

Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Комбинати маъдани кӯҳии Алмалиқ» ҳам то соли 1994 қомати худро рост карда натавонист, ки сабабҳои он мухталиф буданд. Моҳи октябри ҳамон сол ҳукуматамон вазъиятро ба назар гирифта, оиди таҷдиди корхона қарори махсус қабул кард. Мувофиқи он вазорати молия ба комбинат воми хурдро ҷудо намуд. Ва он барои қисман нав кардани асбобу ускуна, аз нав сохтани фабрикаи мис, корҳои дигари тармимӣ харҷ гардиданд.

Соли 1995 дар корхона гардиши куллӣ гардид. Зеро ҳамон сол ба хориҷ бори аввал маҳсулоти сермасрифи мис ва хокаи мис ба содирот баровaрда шуд. Асъор барои таҷдиди сехҳо харҷ гардид. Оқибат истеҳсоли молибден, мис, рух барин маъданҳои ранга вусъат ёфт. Худи ҳамон сол ҳаҷми ба содирот баровардани маҳсулот нисбати соли 1990 чор маротиба афзуд.

Вале он кифоят намекард. Чунки талаб дар бозори ҷаҳонӣ ба маҳсулоти хушсифат афзуда буд. Аз ин рӯ, нақшаи азнавсозӣ ва азнавҷиҳозонии корхона кашида он то соли 2007-ро дар бар мегирад. Мувофиқи он хеле вусъат додани ҳаҷми ба содирот баровардани маҳсулотро вазифаи аввалиндараҷа қарор доданд. Алалхусус вусъат додани истеҳсоли мис ва тилло, ки маводи стратегӣ ба ҳисоб меравaнд, ба мадди аввал гузошта шуд. Ва маҳз шарофати истиқлол аст, ки истеҳсоли ин маҳсулот дар фабрикаи миси қомбинат ба роҳ монда шуд. Аввалин тилло дар ин ҷо моҳи декабри соли 1991 тайёр гардид. Ва он аз рӯйхати Биржаи маъданҳои нодири Лондон ҷо пайдо кард. Маҳсули дасти коркунони комбинат аз бозори ҷаҳонӣ мавқеи калон пайдо карда, сифатнокии онро эътироф намуданд ва соҳиби мукофотҳои мухталиф гардид. Аз он ҷумла, соҳиби мукофотҳои «Ҷоизаи тиллоии Америко оид ба сифат», ҷоизаи сифати байналхалқии «Голд-стар» ва ғайра гаштааст.

Аз мисолҳои болоӣ ба хубӣ дарк кардан мумкин аст, ки корхонаҳои мазкур байрақбардори саноати вазнини мамлакат гардидаанд. Тағйиротҳое, ки дар ин корхонаҳо рух медиҳанд, бешак ба дигар соҳаҳо таъсири бевоситаи худро мерасонанд. Дар бобати кам кардани маҳсулоти воридотӣ ва афзудани содирот саҳми калони худро мегузоранд.

Аз онҳо кормандони комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ, комбинати маъданҳои душворгудоз ва ба гармӣ тобовари Чирчиқ ва дигар корхонаҳо ибрат гирифта, корҳои азнавҷиҳозониро бо суръату сифати баланд давом медиҳанд. Ва дастовардҳои комбинатҳои мазкур ба соҳаи мошинсозӣ низ таъсири бевоситаи худро мерасонад, ки дар ин бобат дар мақолаи оянда нақл хоҳем кард.

Э.ТУРДИКУЛОВ.

Қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар бораи тадбирҳо оиди минбаъда кам кардани муомилоти ғайрибонкии маблағҳои пулӣ

Ба мақсади минбаъда такмил додани муомилоти пул, вусъати низоми ҳисобу китоби ғайринақдӣ, кам кардани муомилоти ғайрибонкӣ ва роҳ нагузоштан ба саркашӣ кардан аз додани андоз Девони Вазирон қарор мекунад!

1. Барномаи тадбирҳо оид ба минбаъда кам кардани муомилоти ғайрибонкии маблағҳои пулӣ, ки Бонки марказӣ, Кумитаи давлатӣ оид ба андоз ва Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон таҳия намуданд, маъқул дониста шавад.

2.Муқаррар карда шавад, ки аз 5 августи соли 2002 ҳангоми инкассатсияи пули нақди ҳосилшудаи субектҳои хоҷагидорӣ ба таркиби гурӯҳи инкассатсионӣ ҳатман шахси мансабдори умури давлатии андоз ҳамроҳ карда мешавад, ки ҳуқуқи тавтиш кардани обекти инкассатсиониро дорад.

Ба шахсони мансабдори мақомоти умури давлатии андоз ва Департаменти оид ба мубориза бо ҷиноятқориҳои андози назди додситони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҳуқуқи бо ризомандии Кенгаши ҷумҳурӣ оид ба мутобиқсозии фаъолияти мақомоти назораткунанда амалӣ гардондани тафтишҳои оҷилии ғайринақшавии риоя намудани қонунҳои савдо ва додани пули нақди ҳосилшуда аз савдои чаканаву яклӯхтфурӯшӣ, хӯроки умумӣ ва соҳаи хизматрасонии пулакӣ дода шавад.

Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо супурда шавад, ки аз рӯи далелҳои халалдоршавии қоидаҳои муқаррашудаи савдо ва додани пули нақд, ки мақомоти андоз ошкор сохтанд, тадбирҳои қатъӣ, аз он ҷумла қатъ гардондани арзи амали рухсатнома барои савдои чакана ва расондани хизмати пулакӣ андешанд.

3. Аз 1 сентябри соли 2002 ба субектҳои хоҷагидорӣ новобаста аз шакли моликият ҳуқуқи мувофиқи тартиби муқаррагардида аз рӯи талаби авалаашон аз ҳисобсурати худ дар бонкҳои тиҷоратӣ гирифтани пули нақд дар ҳадди маблағи нақди супурдаашон дода шавад.

4. Аз 1 октябри соли 2002 дар корхонаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият танзими давлатии маблағе беэътибор дониста шавад, ки ба музди меҳнат нигаронда шудаанд.

Муқаррар карда шавад, ки аз чормоҳаи чоруми соли 2002 шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият ҳар се моҳ як бор ба мақомоти умури давлатии андоз маълумотро дар бораи маблағи умумӣ ва маблағи амалан додашудаи кормандони муздур (мардикор) дар шакли музди меҳнат ва дигар даромадҳо, ҳамчунин маблағи андозро ба ин даромадҳо пешкаш мекунанд.

5. Ба кумитаи давлатии андоз ва Бонки марказии ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар бадали як моҳ низоми электронии муовизаи иттилоотро аз рӯи муомилоти маблағи пул дар ҳаҷмҳои махсусан калон, аз он ҷумла додани пулҳои нақд таҳия созанд ва татбиқ намоянд.

6. Барои тадбиргарони инфиродие, ки ҳисобу китоби нақди пулиро бо аҳолӣ тавассути шабакаҳои доимии савдо ва хизматрасонӣ амалӣ мегардонанд, чунин дарбирҳои ҷавобгарӣ барои халалдор кардани қоидаҳои савдо, ки дар қонунгузории ҷорӣ барои корхонаҳо ва ташкилотҳо пешбинӣ гардидаанд, муқаррар карда шавад:

дар мавриди ошкор гардидани далели пинҳон кардани пули нақди ҳосилшуда мувофиқи қарори мақомоти андоз дар пойгоҳи тартиби муқаррагардида ҷарима ба андозаи маблағи нақди пинҳоншуда ситонда мешавад;

ҳангоми савдо ва расондани хизмат бидуни истифодаи мошинҳои кассавии назоратӣ, бидуни додани паттаҳо, квитансияҳо, талонҳо ва ё дигар чекҳои ба он баробар вақте ки додани чунин ҳуҷҷатҳо ҳатмист, андоз ба андозаи 20 ҳадди ҳаҷми ақалли музди меҳнат дар мавриди такроран рух додани қонуншикании мазкур дар тӯли сол баъди истифода бурдани муҷозоти ҷаримавӣ ҷарима ба андозаи 40 ҳадди музди ақалли меҳнат баробари ирсол кардани маблағи ситондашуда ба даромади буҷа ситонда мешавад.

7. Муқаррар карда шавад, ки барои халалдор кардани тартиби фурӯши яклӯхти молҳои истеъмоли халқ шахсони ҳуқуқӣ (корхонаҳо-истеҳсолгарони ва маҳсулотрасондадиҳандагони яклӯхт) мувофиқи муқарраркардаи қарори Девони Вазирон аз 19 марти соли 1999 рақами 125 аз субектҳои хоҷагидорӣ тамоми даромад (фоидае), ки аз ин фаъолият ба даст омадааст ва ҷарима ба ҳамон ҳаҷми ҷалб кардани шахсони айбдори мансабдор ба ҷавобгарии мувофиқи қонунгузорӣ ситонда мешавад.

8. Ба кумитаи давлатии андоз, департаменти мубориза ба муқобили ҷиноятқориҳои андози назди додситони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки назорати қатъиро аз болои бечунуҷаро таъмин кардани аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва тадбиргарони инфиродӣ бидуни созмон додани шахси ҳуқуқӣ қоидаҳои муқаррагардидаи савдоро таъмин карда, диққату эътибори асосиро ба роҳ нагузоштан ба фурӯши яклухти молҳо ба пули нақд, мавҷуд будани мошинҳои назоратии кассавӣ сари вақт инкассатсия кардани маблағҳои пулии нақд нигаронанд. Нисбати шахсони айбдор мувофиқи қонунгузорӣ тадбирҳои ҷавобгарӣ, аз он ҷумла ҷавобгарии ҷиноиро истифода баранд.

9. Ба Бонки марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, бонкҳои тиҷоратӣ якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурд шавад,ки ба тариқи таҷриба аз 1 январи соли 2003 марҳала ба марҳала дар шаҳри Тошканд гузаштан ба додани музди меҳнат тавассути истифода бурдани карточкаҳои пастикӣ таҳия созанд ва амалӣ гардонанд.

10. Ба Бонки марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон якҷоя бо бонкҳои тиҷоратӣ супурда шавад, ки то 1 октябри соли 2002 маҷмӯи тадбирҳоро оид ба муомилот баровардани карточкаҳои пластикии вомӣ таҳия созанд.

Ба бонкҳои тиҷоратӣ якҷоя бо субектҳои хоҷагидорие, ки бо савдои чакана ва хизматрасонӣ машғуланд, шабакаи терминалҳоеро вусъат диҳанд, ки қабули карточкаҳои пластикии дебиториро барои ҳаққи молҳо ва хизмат таъмин месозад.

11. Ба маҷмӯъҳои Девони Вазирон якҷоя бо Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, вазорату идораҳо супурда шавад, ки дар бадали ду моҳ тадбирҳоро оид ба кушодани корхонаҳое, ки молҳои истеъмолӣ мебароранд, мағозаҳои фирмагии дар маҳалҳои аҳолиашон зич ҷойгиршуда маскан пайдо мекунанд, дар бозорҳо ва дигар маҳалҳои савдои оммавӣ андешанд.

12. Ба кумитаи давлатии андоз, Бонки марказии ҷумҳурияти Ӯзбекистон якҷоя бо ширкати телевизиону радиои Ӯзбекистон, Оҷонсии Ӯзбекистон оид ба матбуот ва иттилоот супурда шавад, ки дар воситаҳои ахбори оммавӣ муҳим будан ва мазмуни мундариҷаи тадбирҳои амалигардондаистодаро оиди маҳдуд сохтани муомилоти ғайрибонкӣ роҳ нагузоштан ба халалдоршавии қонунгузории андоз ва ногузир будани ҷазоро барои саркашӣ кардан аз додани андоз мунтазам равшан созанд.

13. Ба Кумитаи давлатии андоз, Бонки марказӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон якҷоя бо Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва дигар вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар бадали як моҳ:

мувофиқи тартиби муқаррагардида санадҳои меъёрии дахлдори идоравиро таҳия ва тасдиқ намоянд, ки аз нуктаҳои қарори мазкур бармеояд;

ба Девони Вазирон таклифро дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ пешкаш намоянд, ки аз нуктаҳои қарори мазкур бармеоянд.

14. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р.Азимов ва раиси Бонки марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ф.Муллоҷонов гузошта шавад.

Ҳар се моҳ як бор ба Девони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон иттилоот дар ин бобат пешкаш карда шавад.

Раиси Девони Вазирон И.Каримов.

шаҳри Тошканд, 5 августи соли 2002.

Хабарҳо аз Бухоро

Хотираи М.Бурҳонов

Комиссияи топонимии ҳокимияти шаҳри Бухоро муроҷиати бошандагони шаҳрро дида баромад. Вай хоҳиши онҳоро дар бораи абадӣ гардондани хотираи фарзанди асили бухороиён, муаллифи суруди миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, оҳангсоз Мутаваккил Бурҳонов қонеъ гардонд. Яке аз кӯчаҳои калонтарини шаҳр (шоссеи Когон ва кӯчаҳои бо он вобаста) минбаъд (баъди тасдиқ кардани комиссияи вилоятӣ) ҳатман номи оҳангсози машҳурро мегирад.

Китобдори беҳтарин

Шӯъбаи корҳои фарҳанги ҳокимияти шаҳри Бухоро тахти шиори «Китобдори беҳтарини сол» озмуни китобдорони китобхонаҳои бачагонаи шаҳрро гузаронд. Ин озмун, ки дар китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ба амал омад, дониши китобдоронро оиди фанҳои адабиёт, таърих ва маънавияту маърифат муайян намуд. Ҷои якум ва маоши семоҳа ба корманди китобхонаи бачагонаи ба номи Зафар Диёр Олеся Гордиенко, ҷои дуюм ва мукофоти пулӣ (ба андозаи маоши думоҳа) ба китобдори китобхонаи марказонидашудаи ба номи Шамсиддин Шоҳин Мавлуда Содиқова ва ҷои сеюм бо мукофоти маоши якмоҳа ба корманди китобхонаи бачагонаи ба номи Муҳаммадҷон Раҳимӣ Наргиза Ӯринова насиб кард.

«Сабантуй–2002»

Ба қарибӣ дар боғи Сомониёни шаҳри Бухоро бо ташаббуси маркази миллии мадании тотору бошқирдҳо иди анъанавии «Сабантуй-2002» ба амал омад. Ба меҳмонони сершумори атрофи дастархони пурфайз ош дода шуд. Консерту бозиҳои халқии ресмонкашӣ, сангбардорӣ, бо ҷуволи пахолакнок задани якдигар ба ҳозирон писанд омад.

Ҷонишини ҳокими шаҳр А.Ҳусенова, роҳбари маркази мадании олмониҳо О.Лиер аҳли давраро табрику муборакбод гуфтанд.

Аз гуфтаҳои сарвари маркази мадании тотору бошқирдҳо Глум Гибадуллин маълум шуд, ки дар вилояти Бухоро 15 ҳазор нафар, аз ҷумла дар шаҳри Бухоро бештар аз 8 ҳазор нафар намояндагони миллатҳои тотору бошқирд зиндагӣ мекардаанд.

Савриддин—соҳиби медали нуқра

Савриддин Наврӯзови бухороиро яке аз беҳтарин паҳлавонҳои қитъаи Осиё гӯем, муболиға намешавад. Вай дар мусобиқаи ҷавонони қитъа дар шаҳри Машҳади Эрон дилпурона иштирок намуда, соҳиби мукофоти нуқра гардид. Ӯ гӯштингирони Ҳинд, Эрон, Қирғизистон ва Қазоқистонро пасупеш мағлуб намуда, ба финал баромад. Дар мусобиқаи ҳалкунанда Савриддин нисбат ба ҳарифаш—паҳлавони ҳиндӣ болодастӣ мекард. Вале саҳви довар тақдири медали тиллоро ба фоидаи рақибаш ҳал намуд.

—Бо вуҷуди ин Савриддин рӯҳафтода нашуда, ба мусобиқаи гӯштингирони ҷаҳон, ки моҳи сентябр дар шаҳри Москва ба амал меояд, тайёрии пухта мебинад,—мегӯяд устодаш Мураббии шоистаи республика Тоҳир Ғуломов.

Ҷамъомади ғаллапарварон

Дар боғи хоҷагии ширкатии «Бухоро»-и ноҳияи Шофиркон ҷамъомади ғаллапарварони ноҳия ба амал омад.

Дар он ҷонишини аввали ҳокими вилояти Бухоро, сардори раёсати хоҷагии обу кишоварзии вилоят Мурод Умаров ба сухан баромада, ғаллакорони ноҳияро бо зафари меҳнатии имсола табрику муборакбод намуд.

Бояд қайд кард, ки шофиркониён имсол 29 ҳазору 440 тонна гандум ҷамъ оварданд. Ноҳия аз ҷиҳати ҳосилнокии ғалла дар вилоят ба ҷои дуюм баромад.

Ҳосилнокии ғалла дар хоҷагии ширкатии «Бухоро» 70 сентнериро (ҷои якум) дар хоҷагии ширкатии ба номи Ш. Рашидов 60 сентнерӣ (ҷои дуюм), дар хоҷагии ширкатии ба номи А.Навоӣ 50,2 сентнериро (ҷои сеюм) ташкил намуд. Ду хоҷагии аввал бо телевизори ранга ва хоҷагии ба номи А.Навоӣ бо «оинаи ҷаҳоннамо» ҳавасманд гардонда шуданд.

Пудратчиён Ф.Худойбердиев (аз хоҷагии ширкатии «Бухоро» аз 36 гектар майдон ба ҷои 45 сентнерии план 90,6 сентнерӣ), Назар Саидов (аз хоҷагии ширкатии ба номи Ш.Рашидов аз 40 гектар майдон ба ҷои 35 сентнерӣ 80,8 сентнерӣ) ҳосили фаровон рӯёнда, ба натиҷаи баландтарин ноил гардиданд.

Комбайнчиёни ғолиби «Кейс» Фарҳод Эргашев, Қаҳрамон Гадоев, Намоз Шодиев ва «Нива» Ниёз Алибоев, Сайдулло Ҳаитов, Исмат Аҳмедов низ соҳиби мукофотҳои қиматбаҳо гардиданд.

Ба ғолибон мукофотҳоро ҳокими ноҳия Аҳмад Раҳмонов супурд.

Санъаткорони шӯъбаи вилоятии дастаи рақсу суруди «Ӯзбекнаво» ва шӯъбаи маданияти ноҳия ҳозиронро бо барномаи рангини худ хушнуд карданд.

А.АВЕЗОВ.

Ба пешвози 70-солагии Нукус

Шаҳр назаррабо мегардад

Тайёрӣ барои муносиб пешвоз гирифтани 70-солагии Нукус давом дорад. Симои кӯчаву хиёбонҳои шаҳр, майдону боғҳо, иншоотҳои мухталиф ба куллӣ тайғир меёбанд. Роҳҳои наве, ки сохта мешаванд, ба пойтахти Қароқалпоқистон ҳусни нав зам мекунанд.

Мувофиқи қарори Девони Вазирон аз 8 маи соли 2002 таҷдиди майдони «Дӯстии халқҳо» ба анҷом мерасад. Дар ин ҷо ба иҷро расондани 287 миллион сӯмина корҳои ободонӣ ба нақша гирифта шудааст. Корҳоро ташкилотҳои бинокориву тармимии Ҷамъияти саҳҳомии «Довуд» ва фирмаи хусусии «Зиёда-А» ба иҷро мерасонанд.

—Мо баробари истифода бурдани тамоми қувваву имкониятҳо зарбдорона меҳнат мекунем,—мегӯяд устои фирмаи «Зиёда-А» Маҷид Қазоқбоев.—Мақсадамон дар мӯҳлати пешбинигардида ба иҷро расондани тамоми корҳои ободонӣ мебошад. Бешак, майдони мазкур на танҳо маҳали дӯстдоштаи сокинони шаҳри Нукус, балки меҳмонони сершумори он мегардад. Алҳол мо фавворaҳоро тармим карда, ба майдон тахтачаҳои мармарӣ гузошта, роҳҳои бетонфаршро ба вуҷуд овардем. Дар маркази майдон бошад, муҷассамае қад кашидааст, ки рамзи дӯстист.

Бинокорон азму ҷазм доранд, ки таҷдиди майдонро то рӯзи ҷашнгирии ёздаҳсолагии истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба иҷро расонанд.

(ӮзА).

Уфуқҳои нав

Моҳи июл Биржаи ҷумҳурии молу ашёи хоми Ӯзбекистон, ки дар шаҳри Тошканд фаъолият дорад, се савдои музоядаи махсусро оид ба фурӯши захираҳои моддиву ашёи хом ба тадбиргарони хусусӣ ва соҳибкории хурду миёна гузаронд. Умуман дар он 167 тонна маҳсулоти камчин ба андозаи 49 миллион сӯм фурӯхта шуд. Махсусан талаб ба қубурҳои таъиноти обу гази қутрашон мухталиф калон буд. Ҳамчунин ба ҳукми иштирокдорони савдои музояда тахтачаҳои рӯҳӣ, чӯбу тахта, чӯбмайдаҳо ва дигар маҳсулоти истеҳсолоти ватаниву хориҷа пешкаш карда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар бахшҳои биржа дар вилоятҳо ҳам савдои музоядаи сершумор гузаронда шуда, натиҷаҳои дилхоҳ мебахшанд. Аз он ҷумла, дар бахши андиҷонии биржа дар савдои музояда 11477,6 ҳазор сӯмина маҳсулот фурӯхта шуд, ки қисми зиёди онро қубурҳо, кабел, аккумуляторҳо, чароғҳо, насосҳои барқӣ, дастгоҳи васлгарӣ, термоактиватор ва ғайра ташкил дод.

Дар рафти савдои музояда маълум гардид, ки талаб ба маҳсулоти маъданӣ, масолеҳи бинокорӣ ва чӯбу тахта хеле баланд асту ба он корхонаҳои соҳибкории хурду миёна бештар шавқу завқ зоҳир менамоянд. Аз ҳамин сабаб нақшаи дар ҳамаи вилоятҳо гузарондани савдои музояда бо ин молҳо таҳия гардида, ҷомаи амал мепӯшанд. Охири моҳи июл ташаббускорони гузарондани савдоҳои музоядаи махсус—Палатаи молофарандагон ва тадбиргарони Ӯзбекистон, Ширкати саҳҳомии «Ӯзӯлгуржисавдо» ва Биржаи ҷумҳурии молу ашёи хоми Ӯзбекистон машваратро доир карда, дар он масъалаҳо ва муаммоҳои такмили минбаъдаи корҳои гузарондани савдои музоядаро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Аз он ҷумла, усулҳои паҳн кардани иттилоот дар бораи савдои музоядаи дар пешистода, ба низомдарорӣ ва саҳеҳ гардондани фаъолият дар ин бобат мавриди муҳокима қарор гирифт. Зикр гардид, ки тамоми имкониятҳои мавҷуда мебояд сафарбар карда шаванд, то ки аз гузарондани ин савдои музояда бештар тадбиргарон ва кормандони соҳаи соҳибкории хурду миёна бохабар гарданд.

(Хабарнигори мо).

Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар бораи тадбирҳо оиди такмил додани низоми савдои китоб дар ҷумҳурият

Ба мақсади қонеъ гардондани талаботи аҳолии ҷумҳурият ба адабиёти бадеӣ, ҷамъиятиву сиёсӣ, илмиву маърифатӣ, хонандагони мактабҳо, муҳассили муассисаҳои таълими миёнаи махсус ва касбу ҳунар, донишҷӯён ба китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимии авлоди нав, ҳамчунин такмил додани низоми ташкили савдои китоб Девони Вазирон қарор мекунад:

1. Таклифи Оҷонсии Ӯзбекистон оид ба матбуот ва иттилоот, Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва хусусигардонии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷамъияти саҳҳомии «Китобсавдо» дар бораи созмон додани Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо» дар шакли ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушод пазируфта шавад.

Ба зиммаи Ширкати давлатии саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо» вазифаи мутобиқгар оид ба ташкили расонда додан ва фурӯши маҳсулоти китобӣ гузошта шавад.

2. Вазифаҳои асосии Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо» инҳо муқаррар карда шаванд:

гузарондани маркетинги талаботи бозори китоби ҷумҳурият, ташкили мониторинги талаботи аҳолӣ ба китобҳо ва дигар маҳсулоти матбааӣ то ба расондани натиҷаҳои онҳо ба нашриёт ва истеъмолгарон;

ба вуҷуд овардани портфели заказҳо ба маҳсулоти китобӣ ҳамчунин иштирок дар бобати ба вуҷуд овардани портфели фармоишҳо ба китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимӣ;

таҳия ва амалӣ гардондани тадбирҳо оиди оқилона ҷойгир сохтани шабакаҳои мағозаҳои китоб дар ҳудуди ҷумҳурият;

таъмини сари вақт расонда додани китобҳо ва дигар маҳсулоти матбаагӣ ба истеъмолгарон дар маҳалҳо, ҳамчунин ташкили фурӯши онҳо;

ташкили намоишгоҳҳо-ярмаркаҳои маҳсулоти китобӣ ҳамчунин иштирок дар ярмаркаҳои байналхалқӣ.

3. Инҳо маъқул дониста шаванд:

сохтори ташкилии Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзбеккитобсавдо»;

сохтори дастгоҳи иҷроияи Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо» дар ҳадди миқдори 18 воҳид (бидуни кормандони хизматрасон).

Муайян карда шавад, ки бо маблағ таъмин кардани дастгоҳи иҷроияи Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзбексавдо» аз ҳисоби даромадҳои ӯ аз фаъолияти хоҷагидорӣ ба рӯи об баровarda мешавад.

4. Муқаррар карда шавад, ки маблағи оинномавии Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзбеккитобсавдо» аз ҳисоби силсилаи аксияҳои давлатии ҷамъиятҳои саҳҳомии ҳудудии «Китобсавдо», ҳамчунин як қисми амволи Ҷамъияти саҳҳомии «Ӯздавкитобсавдотаъминоти» ба вуҷуд оварда мешавад.

5. Барои амалӣ гардондани маҷмӯи тадбирҳо оиди созмон додани Ширкати давлатию саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо» комиссияи махсус созмон дода шавад.

Ба комиссияи махсус супурда шавад, ки дар бадали як моҳ тадбирҳои ташкилиро оиди созмон додани Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо» амалӣ гардонда, таҳияи ҳуҷҷатҳои таъсисиро таъмин сохта, ҳаҷми маблағи оинномавӣ ва ҳиссаи муассисонро муайян карда, гузарондани маҷлиси таъсисӣ ва мувофиқи тартиби муқарраргардида тасдиқ намудани оинномаи ширкатро ба роҳ монад. Дар бораи корҳои иҷрошуда Девони Вазиронро хабардор созад.

6. Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ширкати давлатию саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо», Оҷонсии Ӯзбекистон оид ба матбуот ва иттилоот супурда шавад, ки дар бадали як моҳ дар кадом маҳал ҷойгир кардани мағозаҳои китоби нав кушодашавандаро дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо муайян карда, масъалаи таъмин будани онҳо бо биноҳоеро таъмин созад, ки барои нигоҳ доштан ва фурӯши маҳсулоти китобӣ қодиру қобиланд.

Ба кумитаи давлатии оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва хусусигардонии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар мавриди барои кушоиши мағозаҳои китоб пешкаш кардани биноҳое, ки амволи давлатӣ мебошанд, то охири соли 2002 азнав арзёбӣ кардани қимати онҳоро гузаронда, мутобиқан зиёд кардани ҳиссаи давлатиро дар бунёдҳои оинномавии ҷамъиятҳои саҳҳомии ҳудудии «Китобсавдо» таъмин созад.

7. Ба вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, вазорату идораҳо супурда шавад, ки то оғози соли 2002/2003 дар ҳудудҳои муассисаҳои таълимии дахлдор шабакаҳои фурӯши китобро баробари тахассуси касбу кори муассисаи таълимии мазкур кушоянд.

8. Ба Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва хусусигардонии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон якҷоя бо Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо», Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад, ки дар зарфи ду моҳ инвентаризатсияи тамоми мағозаҳои китобфурӯширо гузаронда риоя кардани хулосаҳои шартномаҳоро бо мағозаҳои китобфурӯшии хусусигардондашуда дар бобати нигоҳ доштани тахассуси савдо таъмин созад. Дар мавриди ошкор гардидани қонуншиканӣ нисбати шахсони айбдор тадбирҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида, аз он ҷумла маҳрум кардан аз номнавискунии давлатии ҳуқуқи амволдорӣ мувофиқи тартиби муқаррарбуда андешад.

9. Ба Оҷонсии Ӯзбекистон оид ба матбуот ва иттилоот, Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба аз инҳосорот баровардан ва рушди рақобат, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, Ширкати давлатию саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо» якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар тӯли як моҳ механизми ба вуҷуд овардани портфели фармоишро ба маҳсулоти китобӣ таҳия созанд ва мувофиқи тартиби муқарраршуда тасдиқ намоянд.

10. Ба Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо», Кенгаши ҷумҳурии «Маънавиёт ва маърифат», Вазорати фарҳанг, Оҷонсии Ӯзбекистон оид ба матбуот ва иттилоот , Маркази ҷамъиятии «Иҷтимоий фикр» якҷоя бо нашриётҳои ҷумҳурият супурда шавад, ки дар бадали як моҳ маҷмӯи тадбирҳоро оид ба ин масъалаҳо андешанд:

дар байни аҳолӣ махсусан дар байни ҷавонон таблиғи васеи намунаҳои беҳтарини адабиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ;

мунтазам омӯхтани талабот ба адабиёти бадеӣ, ҷамъиятию сиёсӣ ва илмиву маърифатӣ;

қонеъ гардондани талаби мавҷудаи аҳолӣ ба маҳсулоти китобӣ аз ҳисоби вусъат додани интишори нашриётҳои ватанӣ.

Ба Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо» якҷоя бо Оҷонсии Ӯзбекистон оид ба матбуот ва иттилоот ва дигар вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки мунтазам гузаронда шудани (камаш як бор дар давоми сол) ярмаркаҳо-намоишгоҳҳои адабиёти бадеӣ, ҷамъиятиву сиёсӣ, илмиву маърифатӣ, ҳамчунин маводҳои таълимии мактабӣ ва асбобҳои айёнӣ таъмин созанд, ки дар ҷумҳурият ва дар хориҷ офарида мешаванд.

11. Муқаррар карда шавад, ки ташкили яклӯхтфурӯшии савдои китоб аз додани андоз ба арзиши иловагӣ озод карда мешавад.

12. Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзкитобсавдо» дар нишонии : шаҳри Тошканд, кӯчаи Навоӣ, хонаи 30 ҷойгир карда шавад.

13. Ба вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар бадали як моҳ ба Девони Вазирон таклифро дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ пешкаш намоянд, ки аз қарори мазкур бармеоянд.

14. назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ӯ.Султонов гузошта шавад.

Раиси Девони Вазирон И.КАРИМОВ.

шаҳри Тошканд,
3 августи соли 2002.

ЗИНДАГӢ ЗӮР АСТ

(Қисса)

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

– Албатта, аз они ман ҳам... Лекин ончунон ман аз шумо қарздор, ки...

– Қарздор? Ин хел нагӯед. Он чизе ба шумо дода будам, қарз набуд. Ва, агар гуфтем қарз буд, гардондани онро талабкунон наомадаам.

– Мефаҳмам, Маъсумаҷон. Фаҳмо, ки ба дигар ният омадаед. Бе шумо ҳам дигарон меоянд. Духтар моли кас, хоҳ-нохоҳ, калон, ки шуд, баровардан даркор!

– Лекин, апаҷон, орзуҳо амалӣ шаванд, «моли» шумо, – Маъсума механдад – ба бегона намеравад!

– Дуруст, – Марҳабо низ ханда мекунад, – аммо, бо вуҷуди ин, чӣ кор мекунам ман? Чӣ кор мекунам бе Шаҳноз? Худаш якта, боз он духтар. Душвор будааст, лекин инро акнун чуқуртар ҳис мекунам.

Лаҳзае ҳарду ба хаёл мераванд. Дили ҳарду лабрези ҳаяҷон. Марҳабо, бо вуҷуди он ки холигие ба як кунҷи дилаш таҳдид карда, аз хонаашро холӣ кардани духтари ягонааш ба ғам меафтад, бо ҳазлу шӯхӣ: – Майлаш, – мегӯяд лабхандзанон, аммо бо як шарт: шарт ҳамин, ки баъди ягон сол бошад ҳам, аввал ба мо як писар...

– Писар? – ҳарду механданд.

Вақте ҳарду қоҳ-қоҳзанон механдиданд, падари Шаҳноз ворид мешавад. Ва аз дидани «меҳмон» гул аз гулаш шукуфта, бо ҳаяҷон:

– Э, хуш омадаанд! Шамоли куҷо парронд?

Мард бо Маъсума даст дода воҳӯрдӣ мекунад.

Завҷааш, ҳастиаш лабрези ҳаяҷон, дар гуна шакарханд: – Ин кас, – имо мекунад ба Маъсума, – хостгорӣ омадаанд.

– Хостгорӣ?

– Ҳа. Мехоҳанд, ки Шаҳнозро ба Умед... Дарвоқеъ, Умедро мешиносед-а?

– Албатта.

– Фикри хуб, лекин наздашон як шарт гузоштам: боз як таваллуд, ба мо як писарча, ана баъд...

Ҷониби зан: – Э, намурӣ ту, маззахурак! – хандида лаб мекушояд шавҳар, – дилат акнун ба писар?

Боз қаҳқаҳа танин андохта, хона хандаборон мешавад.

– Ҳа-дия! Кирои калон кардан, додош, писар калон кунӣ будааст. Духтара мурда-мурда калон кунӣ ҳам...

– Ба писар зоидани ман дер нашуд? То ман таваллуд кардаму ӯ калон шуда... эҳа! Хубаш, Умеди ман аз они шумо. Ба домодӣ қабул кунед, писари тайёр-дия, чӣ гуфтед? Лекин илтимос, аз ниятамон алҳол Шаҳноз воқиф нашавад...

❀❀❀

...Шаҳноз, аз дидори Холаҷон шод, ӯро ба бар мекашад. Ва вақте Маъсума ба гардани ӯ овезаи тиллоеро, ки савғотӣ оварда буд, мегузаронад, чашмони духтар барқ мезананд.

– Холаҷони худам! – бо меҳри дуболо бӯсаборон мекунад ӯ Маъсумаро.

– Духтарам, ҳеҷ хабар гирам ҳам намегӯӣ? Ёд накардӣ?

– Чаро ёд накунам? Акнун бо додою очем ба Тошканд рафтанӣ будем, бовар кунед.

– Рост, – қувват медиҳад ӯро модар, – ҳамин хел ниятамон ҳаст. Худо хоҳад, баъди ягон ду ҳафтаи дигар...

Вақте ба Зангиота меоянд, ба ҳавлӣ ворид шудан замон Шаҳноз: – Ба Холаҷон занг мезанам, – мегӯяд ба модараш.

Ва аз сим задани ӯ соате мегузарад ё не, Маъсума дари хонаи онҳоро боз мекунад. Мисле ки муддатҳо якдигарро надида бошанд, Шаҳнозу модари ӯ то дер Маъсумаро аз оғӯш раҳо карданӣ не. Маъсума низ, мазмун, онҳоро сахт пазмон шудааст.

– «Хӯҷаин» канӣ?

– Берун баромаданд.

Ва муддате баъд Маъсума бо «хӯҷаин» низ гарм воҳӯрда, ҳарду бо меҳру самимияти тамом ҳолпурсӣ мекунанд.

Модар аз паи пӯхтани таом, Шаҳноз ба ӯ ёрӣ расонданӣ. Ва Маъсумаю «хӯҷаин», даруни хона, ба гуфтугӯи худ, ки қариб пичирросист, идома медиҳанд.

– Ба дег худам менигарам, – мегӯяд модар ба Шаҳноз, – ту, духтарам, аз паи рӯбучини ҳавлӣ шав.

– Хуб.

❀❀❀

Бо дамидани субҳ Шаҳноз хеста, ба ҳавлӣ об мезанад. Вақте ба дарвозахона ҷорӯб мезад, падарро, ки куҷое шитоб дошт, дида:

– Ҳа, додо? – мепурсад.

– Ба шаҳр, як кори муҳим буд.

– Нонушта накарда?

– Бевақт шуданаш мумкин.

Падар мераваду ба модар, ки дар газхона ҷунбуҷӯл дошт:

– Аввал чой намонда будаам, – мегӯяд Шаҳноз, – додом бе наҳорӣ рафтанд. Кори зарур доштаанд?

– Ҳа, аз афташ.

– Мо ҳам ба шаҳр мефуроем?

– Имрӯз не, пагоҳ меравем, худо хоҳад. Имрӯз, будагӣ гап, омаданамонро фаҳмида, баъзе наздикон медароянд.

– Дили ман, оча, шаҳр рафтан. Тошканда ёд кардам. Шавад, як ба пеши Холаҷон мегузарам.

– Майлаш. Лекин «шавад» не, албатта гузар ба хонаи Маъсума. Хурсанд мешавад.

❀❀❀

Лекин ҳоҷат ба хонааш рафтан намонд – ана, худи ӯ, Холаҷон. Миёни анбӯҳи одамон, ки дар сайронгоҳи назди хиёбони Амир Темур равуо доранд, рӯ сӯи офтоббаро, оҳиста қадам мезанад. Вале танҳо не, бо як мард. Кӣ бошад?

Ва вай, Шаҳноз, ба қафои оне, ки чанд қадам пештар қатии Холаҷон қадам мезанад, бодиққат нигариста... «Иеъ, худи додом-а...»

Равуодорон зиёд. Қафои онҳо, ки паҳлӯи ҳам по мегузоранд, пайдову пинҳон. Ва Шаҳноз ба қафотари роҳ гузашта, аз ҳарду, хусусан аз марде, ки ҳамроҳи Маъсума аст, чашм наканда, қадам метезонаду... «Домод, – ӯро шинохта, дилаш сахт ба таппиш медарояд, – ӯ чӣ кор мекунад бо Холаҷон? Ба ҳам хеле наздик...»

Нафас ба нафас дар худ фурӯ рафта, чашм аз дуи онҳо намеканад. Ва гумоне, ба дилаш роҳ ёфта, мешармад, сурх мешавад. Таскин низ доданӣ мешавад худро, ки «хайр, чӣ, шиносҳои дерин. Мумкин не магар?». Лекин боз хаёлҳои баду ногувор ғолиб омада, дилтапону пурҳаяҷон, ба худ мепечад: «Не, мумкин нест! Ин гуна, даст ба даст, фақат...»

Чашмони худ калонтар кушода, Шаҳноз каме пеш меравад ва бо нигоҳи сарду кунҷков ҳардуро хуб барандоз мекунад. Чунин мерасад ба назараш, ки ангуштҳои яке ба дигаре чун ҳалқаҳои ангуштарӣ печида.

Пеши чашмонаш ҳама чиз ба шино медарояд, сараш гирд мегардад.

«Худоё, падар ва Холаҷон...» Ба он чизе, ки дар пеши назараш рӯй медиҳад, бовараш намеояд. «Наход, наход...»

Ба баданаш рашъа тохта, дилу ҷигараш кӯрдуд карда, тозон ба онҳо расиданӣ ва «ҳа?..» – ба рӯи онҳо, ба қаъри чашми онҳо, ки паҳлӯи ҳам равонаанд, нигаристан мехоҳад Шаҳноз. Ва боз дил мекунад, номаълум аз пасашон рафта, гӯш тез кунад, ки чӣ гуфтугӯе миёни онҳост. «Не, ин қабеҳист» – боз фикр мекунад вай. Ва бо як ҳасрати ҷигарсӯз, хаёлан, ба падар рӯй меорад: «Чӣ гап, додоҷон? Тинҷист? Барвақт аз хона баромада будед, кори муҳим воҳӯрӣ бо... ин зан буд? Бо Холаҷон? Дар воқеъ, дина бегоҳ дар хона сӯҳбататон хеле кӯр гирифт. Соддаяки модарам, дуятон танҳо гузошта, дар ошхона, машғули пухтупаз. Вай, вайи гӯлу гумроҳ, ҳамин занро, ки беибо аз бозуятон доштааст, хоҳари қиёмати хонда... Ҳм, хоҳархонд. Ба шавҳар маъшуқа, ба зани ӯ «хоҳар». Оҳ, чаро замин накашад?

Пештар ҳам, додо, бо ким-кие гуфтугӯҳои асроромези телефонӣ доштед. Ана, кӣ будааст он «ким-кӣ»... Ва гоҳо паи «кори муҳиме» Тошкандрав мешудед. Ана, чӣ кори муҳим доштаед! Ёду хаёлатон кай боз бо ин зане, ки худро дӯсти наздики оилаи мо метарошад, маро «духтарам» мегӯяду модарамро «апа», вале, дар асл, муродаш ҳамнафасӣ бо шумост? Кай боз? Кай боз шумо бо ин маккора тарҳи ошноӣ рехта? Балки солҳо инҷониб? Модарамро фикр намекунед? Ӯро, ки шуморо чун бут мепарастад? Куҷои ӯ аз ин зан кам?!

Дар хусуси хиёнати мардон, болои гул барин зани худ, гарми ҳавою ҳавас, рустӣ зангирии баъзеи онҳоро мешунидам, лекин, ростӣ, ба рӯи зани бегона ҳатто нигоҳ кардани шумо, додоҷон, дар тасаввурам намеғунҷид. Ин чӣ хел мешавад-а? Чӣ хел? Чӣ хел??!

...Ва ашк дар чашм, аламу ғусса дар дилу ҷон, ба сараш ҳамлавар фикру хаёлҳои яке аз дигаре талхтар, дар асари манзараи ногуворӯ ғашоваре, ки дид, майнааш гиҷу гаранг, Шаҳноз ба қафо бармегардад.

❀❀❀

Падару модар, аз он ки Шаҳноз якбора тағйир ёфтааст, ҳайронанд. Духтарашон пакару пажмурда аст, қиёфааш ҷиддӣ ва ғамзада. Чаро? Чаро?

Он рӯз, воқеан, духтар бо табъи вожгун ба хона баргашту падар болидарӯҳ. Ончунон мамнун, ки саргарм ба эҳсосоти пурнишоти хеш, аз ҳолати духтари худ пай набурда, дар вазъе, ки ба чеҳрааш лабханд гул партофтааст, ба вай наздик шуда, бо меҳри падарӣ, аз пешонааш бӯсид. Ва каф ба каф зада, сурудеро, ки солҳои тифлии духтари азизаш мехонд, замзама кард:

Шаҳи ман, шоҳаки ман,
духтаракам,
Чашм бар роҳаки ман,
духтаракам...

Эҳ, як замон чӣ сон роҳат мекард дилу ҷони тифлонаи Шаҳноз бо шунидани овози саршор аз самимияти падар ва чӣ сон маст аз суруди дилнавози вай шуда, даст бардоштаву бол кушода, бо ҳавои каф ба каф задани ин шахси барояш азизтарин чархзанон ба рақс медаромад!..

(Давом дорад).

Гулназар

Шеърҳои нав

Як замон домони чоки куртаҳои тифлиамро
бо рубоӣ васла мезад модари ман,
Оламе, к-ӯ зиндагӣ мекард дар кошонаи
афсонахези пайкари ман,
Ҳамчунон марде, ки биншинад иҷора,
рӯзу шаб медод
Сиккаи хуршеду маҳтобам кироя.
Як замон
Духтари таркокули борон маро бар ҳиҷлаи
озодагӣ мехонд,
Чилчароғи пуршукӯҳи лаҳзагии барқро шодона
дар медод,
Бӯса мебахшид,
Гиря меомӯхт.
Як замон
Сабзаи наврӯста бар бахри гуноҳи пойҳоям
мебаромад,
Ҷуз наво дигар намебардоштам аз лонаҳои ҷозиби
мурғон.
Об мебурдам ба ҳар ҷӯю суруди ошноӣ ёд
медодам,
Роҳ мебурдам ба ҳар кӯю тариқи раҳкушоӣ ёд
медодам.
Як замон ҳамсояҳо ҳамсоя буданд,
Мегирифт аз дасти боди боғи мо беди таги девори
ҳамсоя.
Духтарони кӯчаи мо кӯчи ҳусни хешро бар хонаҳои
дигарон нобурда буданд,
Ормонҳои биҳиштии маро бо худ барои дигарон
нобурда буданд.
Як замон оташ зи рӯҳи оташинам меҳаросид,
Сад баҳорон,
Ё ҳазорон сабза дур афтода буд аз ман хазони ман.
Оҳи ман кай ибтидо ёфт?
Роҳи ман кай интиҳо шуд?
Як замон домони чоки куртаҳои тифлиамро
бо рубоӣ васла мезад модари ман,
Як рӯбоӣ мондаам акнун,
Як рубоӣ мондаам маҳзун.

❀❀❀❀❀❀

Ай худо, бодам кун,
То ки дар накҳати зулфош шиновар бошам!
Ҳар гаҳе аз раҳи мо мегузарад,
Бо баландои саропош баробар
Обшорони малоҳат гузарад,
Резабарони тароват гузарад.
Хонаҳо кӯй ба кӯ метозанд,
Шохаҳо сӯй ба сӯ меёзанд,
Роҳҳо аз паси ӯ мегарданд,
То садои малакии қадамашро шунаванд.
Мон, ки дар олами пурченаку пурандоза
Бо ҳамин шарфаи поҳош баробар бошам!
Ҳарфҳое,ки нигоҳи паноҳаш бо ман гуфт,
Ташнагии сухан омӯхт маро.
Тоати мижжаи бедораш
Ба дари чашми шарарбораш
Саҷда бар оташи поки ватан омӯхт маро,
Ман алорағми ҳасудон чӣ тавонгар бошам!
Дар парешонии ин шаҳри парешон, ки ҳама дар
ба даранд,
Ҷӯи беруни дари ӯст хаёлам,
Беди маҷнуни дари ӯст хаёлам,
Ту магӯ зодаи Дар-Дар1 бошам.
Ай худо, бодам кун,
То ки дар накҳати зулфош шиновар бошам!

❀❀❀❀❀❀

Ҳиммати дилро дар он майхонаи чашмат
насанҷидан гуноҳ аст,
Чун хуморӣ ҳарфи майгуни лабонатро
нанӯшидан гуноҳ аст.
Маъзарат мехоҳам аз мардони навпарвоз—
Печутоби кокулатро дида дар савдо напечидан
гуноҳ аст,
Ё раҳи торики зулфатро ба нури меҳрубони панҷаҳои
худ напӯйидан гуноҳ аст.
Сабзаи ман аз дили хокам намехезад, валекин
Дар замини меҳри ту сад раҳ нарӯидан гуноҳ аст.
Ман ба гӯши обшорон
Хутбаи лабташнагӣ хонам, ки «Ҳон! Бархез!
Атри шодобии мӯяшро нанӯшидан гуноҳ аст!»
Ман чӣ гӯям ғайрати чашми хурофотии худро?
Ояти қудсии абрӯи баландатро
Дидану нодидану нодидану дидан гуноҳ аст.
Дасти гулдӯзи баҳорон бастаи сардии айём аст,
Эй рӯҳи урён!
Рахти гулбафти табассумҳои ҷононро напӯшидан
гуноҳ аст.
Умрҳо дар хеш парвардам тароватҳои нозатро,
Эй ҳиҷову ҳарфи олӣ!
Мисраъҳое инчунин бахри ту бахшидан гуноҳ аст...

1.Дар-Дар—зодгоҳи гӯянда.

Сиҳҳатгоҳи «Зомин»

Як вақтҳо мардум барои табобату истироҳат ба Сочиву Ялта, Юрмалаву дигар маҳалҳои собиқ ҳудуди Иттифоқи шӯравӣ мерафтанду ба қадри сиҳҳатгоҳу истироҳатгоҳҳои худӣ намерасиданд. Ҳол он ки онҳо чӣ аз ҷиҳати зебогиву фоидаоварӣ ва чӣ аз ҷиҳати офиятбахшӣ аз он сиҳҳатгоҳҳои машҳури аҳамияти иттифоқӣ дошта ягон мондание надоштанд.

Сиҳҳатгоҳи «Зомин» яке аз чунин маскани табобат буд, ки аз соли 1988 боз арзи ҳастӣ мекунаду ба табобати маризиҳои диққинафас, асаб, маризиҳои дил таъин гардидааст. Ва маҳз сиҳҳатгоҳи мазкур баъди ба даст омадани истиқлолияти Ватан ба яке аз марказҳои бонуфузи табобатии мамлакат табдил ёфт. Сиҳҳатгоҳи мазкур дар ҷои хушманзару барҳавои кӯҳҳои Зомин маскан пайдо карда, дар ин ҷо истироҳаткунандагону табобатгирандагонро аз тамоми гӯшаву канори Ӯзбекистон пайдо мекунед.

Сиҳҳатгоҳ дар як навбат 400 нафар дардмандонро қабул карда метавонад. Алҳол дар ин ҷо 250 нафар табобат мегиранд, истироҳат менамоянд. Ба онҳо 200 нафар корманди соҳаи тиб хизмат мерасонад.

Дар суратҳо: 1. Сардухтури сиҳҳатгоҳ Мавлон Мирзоев (дар байн) бо як гурӯҳ ҳамшираҳои шафқат.**2.** Намуди зоҳирии сиҳҳатгоҳ.

Матн ва сурати Илҳом Тӯраев. (ӮзА).

Ба пешвози 2700-солагии Шаҳрисабз

Фарзандони номдори Кеш

Шаҳрисабз шаҳрест, ки дар тамаддуни ҷаҳонӣ ба қадри назаррас изи худро боқӣ гузошта, дар ҳудуди он то ба рӯзҳои мо ҳар гуна осори антиқа, ёдгориҳои ҳафриётӣ, дастхатҳо, манбаъҳои эпиграфӣ ва нумизматикӣ расида омадаанд. Баробари ба иҷро расондани корҳои ҳафриётӣ дар ин ҷо ба омӯзиш ва тадқиқи катибаҳо диққату эътибори калон дода мешавад. Аз он ҷумла, омӯзиш ва тадқиқи катибаҳои болои қабрсангҳо ошкор сохт, ки дар садаҳои XIY-XY, яъне дар давраи Амир Темур ва темуриён бисёр одамони номдор гузашта, барои ривоҷу равнақи ин шаҳри қадима саҳми калон гузоштаанд. Бисёрии онҳо дар бобати барқарору афзун гардондани қудрати ҳарбии давлати Соҳибқирон фаъолона иштирок намудаанд. Амирон дар ҳамон давр дар низоми ҳарбии мамлакат ба лавозим ва унвонҳои худ мартабаҳои гуногунро ишғол намуда, баробари ин сарварони қисмҳои муайяни ҳарбӣ будаанд. Аксари онҳо бо Амир Темур дар юришҳои ҳарбӣ бевосита иштирок намудаанд. Ба ҷумлаи онҳо Амир Чоку, амир Сулаймон, амир Ҷалолиддин, амир Ики Темурро дохил кардан мумкин аст, ки сарлашкарон буда, ба Амир Темур садоқатмандона хизмат кардаанд. Аз ҳама муҳимаш дар вазъияти дилхоҳи фавқулодда онҳо бо сарварашон дар як ҷо шудаанду ба ғалабаҳояш саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Дар асарҳои таърихӣ оварда шудааст, ки лашкари Амир Темур аз намояндагони қавму миллатҳои мухталиф иборат буда, аз байни онҳо дувоздаҳ навкар интихоб карда, ба онҳо унвони амирӣ дода шудааст. Дар байни онҳо нуфузи қавми барлос баланд буду асоси лашкари Соҳибқиронро ташкил додааст. Ва маълумотҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки амирон ҳам маҳз аз қабилаи барлос будаанд. Ва онҳо ба боварии ҳукмдори худ сазовор гардида, ба унвони амир уламоро мушарраф гаштаанд.

Ва дар ин бобат мехонем, ки маҳз ба Худойдод, Чоку, Икки Темур, Сулаймоншоҳ унвони амирро Соҳибқирон Амир Темур додааст. Вакилони ҳамин қавм Ҷалолиддин амири даҳумин, Абу Сайид бошад, амири нуҳӯмин гардида будаанд.

Қавми барлос, ки дар Шаҳрисабз ва атрофи он истиқомат мекард, аз манбаъҳои таърихӣ маълум мегардад, ки ба Корачор нуён мансуб будаанд. Дар давраи ҳукмронии Чиғатой Корачор нуён яке аз вазифаҳои калони давлатиро ишғол карда буд. Ба вилояти Кеш бо аҳлу аёли худ кӯчида омад. Барои вай ва фарзандони ӯ, авлодони минбаъда заминҳои қисми болои резишгоҳи Қашқадарё, масканҳои ҳамеша сабзи қаторкӯҳҳои Зарафшону Ҳисор ватани доимӣ шуда монд.

Манбаъҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки маҷмӯаи ёдгории Гумбази Сайидон, Ҳазрати Имом бо номи падари Соҳибқирон Амир Тарағай ва пири муршиди он Амир Кулол ал-Кешӣ узван пайваст аст. Зеро онҳо ба обод гардидани ин мақбараҳо саҳми бевоситаи худро гузоштаанд ва ба авлодон маълум кардаанд, ки дар ин масканҳо сайидони Тирмиз,мансуби авлодони Пайғамбар худовандзода Абул Маодӣ, хонзода Абул Маодӣ дафн гардидаанд.

Ҳурмату эҳтироми Амир Темур нисбати шаҳри дӯстдоштааш Шаҳрисабз ниҳоят баланд буд. Барои исботи ин бисёр далелҳо овардан мумкин аст. Вай баъди ҳар як юриши ҳарбӣ ба ин шаҳр омада, онро зиёрат мекард. Қабри фарзанди калониаш Ҷаҳонгир Мирзо ин ҷо буд. Аз рӯи тахминҳо қабри валиаҳд дар Дор-ус—Саодат (Ҳазрати Имом) дафн гардида ва дар болои қабр гумбаз барпо будааст.

Қабри амирони мансуби қавми барлос ҳоли ҳозир ҳам дар Шаҳрисабз мавҷуданд. Дар бадали шаш асри охирин ба туфайли ҷангу ҷидолҳо, офатҳои табиӣ, кӯчбандии одамон қабрҳои мавҷуда ҳам тағйир ёфтаанд. Баъзе мақбараҳо вайрон гардида, баъзе сангҳои болои қабрҳо зери хок гаштаанд. Алҳол вақте ки корҳои ҳафриётӣ давом доранд, аз хонаҳои қисми кӯҳнаи шаҳр, сангҳои болои қабрҳо пайдо мешаванд. Ёдгориҳое, ки аз Гумбази Сайидон, Ҳазрати Имом, Пиркӯтон, Чӯғмозор ота, Водруқ барин муқаддасҷойҳо пайдо шудаанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки дар давраи ҳукмронии Амир аз ин маскан бисёр амирон ба камол расидаанд ва баъди вафот дар ҳамин ҷо ба хок супурда шуданашон маълум мегардад. Масалан, дар яке аз хонадонҳои қисми кӯҳнаи шаҳр санге пайдо шуд, ки ба Сайид Аҳмад, писари Умар шайх гузошта шуда будааст. Вақте ки Амир Темур вафот мекунад, Сайид Аҳмад ҳамагӣ понздаҳ сол дошт. Вай фарзанди панҷуми Умар шайх—писари Амир Темур будааст. Солҳои 1467-1468 Шоҳрух Мирзо ба Сайид Аҳмад вилояти Шибирғонро ба сифати суюрғол инъом карда будааст. Дар манбаъҳои таърихӣ номи Сайид Аҳмад Мирзо ба тариқи Сайид (Сиди Сейди) номбар гардидааст. Ва онро навиштаи болои қабр пурра тасдиқ мекунад. Сайид Аҳмад соли 1429 аз олам чашм пӯшидааст. Ва он қабрсангҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки қабри падари ӯ ҳам дар яке аз хонадонҳои имрӯза маскан пайдо кардааст. Чунки маълумотҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки баъди вафоташ ҷасади Умар Шайхро ҳам ба Шаҳрисабз оварда, ба хок супурдаанд. Дар давраи салтанати Амир Темур ба ғайр аз қабилаи барлос намояндагони дигар қавмҳо ҳам ба мартабаҳои баланд, аз он ҷумла амирӣ мушарраф гардидаанд. Барои мисол Ҳусейн ибни Тӯхтамиш—ибн Чочу кавчинро мисол гирифтан мумкин аст, ки дар мазори Мусофиротаи Ғузор ба хок супурда шудааст. Дар дигар қабристони шаҳри Ғузор—Мири Чанди ота бошад, амир ул-кабир амир Султон Эдикурчи дафн гардидааст. Падари вай амир Муҳаммад Эли Буғо ба кадом гурӯҳи этникӣ мансуб буданаш то ҳол муайян нагардидааст. Дар қабристони Водрук бошад, қабри Пир Ҳусейн ёфт шудааст, ки фарзанди амир Санучак баҳодур буда, соли 1402 вафот кардааст. Аз деҳаи Увати шафати Шаҳрисабз бошад, санги мармари сафед ёфт гардид,ки ба фарзанди амир Шайх Сулаймон, яъне духтари вай мансуб мебошад.

Оиди амироне, ки дар боло ба забон гирифта шуданд ва авлодони онҳо то ҳол маълумоти кофӣ ҷамъ оварда нашудаанд. Баробари муоина кардани манбаъҳои таърихӣ, асарҳои этнографӣ, тадқиқотҳои мухталиф, қиёскунии онҳо имконият фароҳам меояд, ки дар ин бобат далелҳои саҳеҳ ба даст оянд. Ҳоли ҳозир дар ин бобат корҳои муайяне ба иҷро мерасанд. Боварии комил дорем, ки дар оянда корҳои эҷобиву назаррас дар бобати омӯзиши таърихи ин кишвар, одамони машҳури он ба иҷро мерасанду аз он халқамон бархурдор мегардад.

Бобур АМИНОВ,
сарвари шӯъбаи Маркази таърихи нави Ӯзбекистони Фарҳангистони сохтмони давлативу ҷамъиятии назди Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбеистон, номзади илмҳои таърих.

TV Барномаи ҳафтаина
Аз 12 то 18 август

ДУШАНБЕ 12

Ўзбекистон I

15.00 Таҳлилнома. 15.45 Эълони намоишҳо. 15.50 Ҳокимияти чорум. 16.10 Сериали «Ошин». 16.40 Дар хонаи обод одамони пок зиндагонӣ мекунанд. 17.00 Камалак. 18.00 Навигариҳо. 18.30 Мероси тиллоӣ. 18.45 Телелотереяи «Бахтли воқеа». 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор. 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Хабарҳои биржа ва бонк. 20.30 Ахбор. 21.05 Артистони мардумии Ўзбекистон. 21.30 Сухани рўз. 21.50 Хонаи фариштадор. 22.10 Варзиш. 22.25 Сериали «Филипп Марлоу». 23.15 Ахбор-дайҷест. 23.40 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Субҳи Давр. 10.00 Танаффуси калон. 10.20 Мултсериал. 10.35 Асрори саломатӣ. 10.55 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 11.05 Давр дар як ҳафта. 11.40 Экран ба бачаҳо. 12.45 Давр-навигариҳо. 13.05 Бояуддин Боймирзаев. Қисми якуми спектакли «Дуои бад». 14.05 Автосалтанат. 14.20 Қисми дуюми спектакли «Дуои бад». 15.15 Сериали «Саргузаштҳои зериобии командаи Касто». 16.05 Ба пешвози 11-солагии мустақилияти Ўзбекистон. «Фарзандони кишвари озод». 16.20 Сериали «Ҳудуди ҳақиқат». 16.55 Эълони намоишҳо. 17.00 Аз почтаи «Авлоди нав». 17.15 Мултсериал. 17.30 Ҳафтаномаи варзиш. 17.45 Телерадиокомпанияи Хоразм тақдим мекунад. 18.05 Манзараҳои Ватан. 18.25 Шороҳаҳои тафаккур. 18.40 Навоҳои шом. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Эълони намоишҳо. 19.40 Оҳангҳои куҳан. 19.50 Як кишвар, ки. 20.10 Овози ҷавонон. 20.30 Навоҳои муҳаббат. 20.50, 21.25, 22.35 Эълонҳо. 20.55 Сериали «Эсмералда». 21.30 Ҳамсинни деҳотиам. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.05 Интерфутбол. 23.50 Давр. 1.05 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Фиребгарони қаҳвахонаи «Офисина». 17.45, 19.10, 22.15 Телегазетаи «Экспресс». 18.00 Экран ба хурдтаракон. 18.30, 20.00, 21.15, 22.30 Пойтахт. 18.50 Дар роҳи саломатии мардум. 19.25 Автонавигариҳо. 19.45 Камалак. 20.30 Сериали «Пуарои пайгир». 21.35 Сабақҳои зиндагӣ. 22.55 Кинонигоҳ. «Гашти ҳаёт». 00.35 Шаб ба хайр шаҳрам.

Ўзбекистон IV

6.30—8.00 Намоишҳои ТҶР. 15.30—16.00 Намоишҳои ТВ Туркия. 16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Вести. 16.20 Шоуи «Сад бар як». 17.00 Навигариҳои «Евронюс». 17.15 Телебозии «Кӣ миллионер шуданро меҳоҳад?». 18.15 Аралаш. 18.35 Киномазҳакаи «Шери дар хоб буда». 20.00 Время. 20.35 Сериали «Истгоҳ мувофиқи хоҳиш». 21.40 Мавҷи олмонӣ. 22.00 Филми бадеии «Вокзали марказӣ». 23.20 Ахбор. 23.55 Шаб ба хайр.

СЕШАНБЕ 13

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35, 17.55 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рўзномаҳо. 9.00 «Ўзбектелефилм» намоиш медиҳад. 9.10 Достонҳои дўстдоштаи мардум. Гўрўғли ва Бозиргон. Қисми якум. 9.40 Модари сиҳҳат—бачаи солим. 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Мулк. 10.25 Филми бадеии «Дўст». 11.55, 14.25 Эълони намоишҳо. 12.05 Хонаи фариштадор. 12.25 Варзиш. 12.40 Видеофилми «Ҷавони бозорнадида». 14.10 Дар олами сиёсат. 14.30 Мултсериал. 15.50 Истгоҳи мусиқӣ. 16.00 Телебозии «Тоҷи тиллоӣ». 16.55 Ба ватанам хизмат мекунам. 18.10 Мултфилм. 18.30 Орзуи авлоди баркамол. 18.50 Инсон ва қонун. 19.10 Композитсияи мусиқӣ. «Оҳангҳои озодӣ». 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор. 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 Ахбор. 21.05 Ба пешвози 11-солагии мустақилияти Ҷумҳурияти Ўзбекистон. Роҳи тараққиёт. 21.25 Артистони шоистаи Ўзбекистон. 21.50 Сериали «Ошин». 22.20 Оинаи таърих. 22.45 Футболи ҷаҳон. 23.05 Ахбор-дайҷест. 23.30 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Аз почтаи «Авлоди нав». 9.30 Мултсериал. 9.45 Як кишвар, ки. 10.05 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.20 Сериали «Эсмералда». 10.50 Эъзоз. 11.10 Мултфилм. 12.00 Ҷуғрофияи ҷаҳон. 12.50 Овози ҷавонон. 13.10 Интерфутбол. 14.55 Чараён. 15.10 Филми бадеии «Фармони охирини император». 16.40 Эълони барномаҳо. 16.45 Эълони намоишҳо. 16.50 Студияи «Авлоди нав»: дунё ва бачаҳо. 17.10 Мултсериал. 17.25 Сабақҳо оиди андоз. 17.40 Кураши ўзбек. 18.00 Автопортрет. 18.20 Ҳазору як маслиҳат. 18.40 Навоҳои шом. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Оҳангҳои куҳан. 19.40 Давр-сўҳбат. 19.55 Марди майдон. 20.15 Дидор. 20.35 Навоҳои ҷавонӣ. 20.50, 21.25, 22.35 Эълонҳо. 20.55 Сериали «Эсмералда». 21.30 Овози ҷавонон. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.05 Нокаут. 23.30 Давр. 23.45 Сериали «Ҳудуди ҳақиқат». 00.25 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Фиребгарони қаҳвахонаи «Офисина». 17.45, 19.05, 22.15 Телегазетаи «Экспресс». 18.00 Экран ба бачаҳо. 18.30, 20.00, 21.15, 23.00 Пойтахт. 18.50 Варзиш ва бачаҳо. 19.20 Занмодар, мураббӣ, роҳбар. 19.35 ТВ ҷамъ. 20.30 Сериали «Пуарои пайгир». 21.35 Сабақҳои зиндагӣ. 22.30 Дар бораи сайёҳӣ. 23.25 Кинонигоҳ. 1.00 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

6.30—8.00 Намоишҳои ТҶР. 15.30—16.00 ТВ Туркия. 16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Вести. 16.20 Худ ба худ режиссёр. 17.00 Навигариҳои «Евронюс». 17.15 Сериали «Риштаҳои оилавӣ». 18.15 Киномазҳакаи «Кадпасти майамагӣ». 20.00 Время. 20.35 Сериали «Истгоҳ мувофиқи хоҳиш». 21.40 Консерт бо иштироки К.Орбакайте. 23.10 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 23.20 Филми бадеии «Боварӣ». 00.50 Ахбор. 1.25 Шаб ба хайр.

ЧОРШАНБЕ 14

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35, 17.55 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рўзномаҳо. 9.00 «Ўзбектелефилм» намоиш медиҳад. «Хонобод». 9.10 Достонҳои дўстдоштаи мардум. Қисми дуюми «Гўрўғли ва Бозиргон». 9.40 Ба бахтамон амон бошед. 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Сабақҳои алифбо. 10.25 Филми бадеии «Он замонҳо гузашта рафт». 11.40 Гавҳари қалб. 12.05 Орзуи авлоди баркамол. 12.25, 13.55 Эълони барномаҳо. 12.30 Остонааш аз тилло. 12.50 Мусобиқа аз рўи муайтай. 13.15, 16.00 ТВ клип. 13.25 Сериали «Ошин». 14.10 Таронаҳои дутор ва танбўр. 14.30 Филми бадеии «Найранг». 16.10 Дар оилаи ягона. 16.40 Роҳи тараққиёт. 17.00 «Ҷазирачаи ҳарфҳои сеҳрнок». Бачаҳо ва калонсолон. 18.10 Чемпионати Осиё аз рўи таэквандо. 18.35 Зан оламро мечунбонад. 18.55 Як ҷуфт суруд. 19.05 Мулк. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.35 Ахбор. 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Рў ба рў. 20.30 Ахбор. 21.05 Ўзбекистон Ватани ман. 21.35 Соати парлумонӣ. 21.55 Сериали «Ошин». 22.25 Варзиш. 22.40 Мувозанат. 23.05 Ахбор-дайҷест. 23.30 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Студияи «Авлоди нав». Дунё ва бачаҳо. 9.35 Мултсериал. 9.50 Давр-сўҳбат. 10.05 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.15 Сериали «Эсмералда». 10.45 Сабақҳо оиди андоз. 11.00 Экран ба бачаҳо. 12.15 Овози ҷавонон. 12.35 Сериали «Саргузаштҳои зериобии командаи Касто». 13.25 Телерадиокомпанияи Хоразм тақдим мекунад. 13.45 Теннис. 14.25 Манзараҳои Ватан. 14.45 Автопатрул. 15.05 Қисми якуми филми бадеии «Ҳамроз».16.40 Эълони намоишҳо. 16.45 Студияи «Авлоди нав». Ассалом, оромгоҳ. 17.00 Мултсериал. 17.15 Бачаҷон. 17.35 Бо оташ рў ба рў. 17.50 Асрори чемпион. 18.10 Биёед, як хандем. 18.15 Ракурс. 18.35 Каталог. 18.45 Навоҳои шом. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Оҳангҳои куҳан. 19.45 Видеофилми «Мутал Бурҳонов».20.00 Спортлото. 20.10 Эълони барномаҳо. 20.15 Дастархони пурфайз. 20.30 Таронаҳои ишқ. 20.50, 21.25, 22.35 Эълонҳо. 20.55 Сериали «Эсмералда». 21.30 Овози ҷавонон. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.05 Интерфутбол. 23.50 Давр. 1.00 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Фиребгарони қаҳвахонаи «Офисина». 17.45, 19.15, 22.15 Телегазетаи «Экспресс». 18.00 Экран ба бачаҳо. 18.30, 20.00, 21.15, 22.30 Пойтахт. 18.50 Меҳмонхонаи мусиқӣ. 19.30 Қалби зан. 19.55 Ҷозиба. 20.30 Сериали «Пуарои пайгир». 21.35 Сабақҳои зиндагӣ. 22.55 Кинонигоҳ. «Маҳлуқ». 00.25 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

6.30—8.00 Намоишҳои ТҶР. 15.30—16.00 Намоишҳои ТВ Туркия. 16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Вести. 16.20 CFI тақдим мекунад. Кишвари ҷашнҳо. 16.45 Бачаҳо месароянд. 17.00 Навигариҳои «Евронюс». 17.15 Сериали «Риштаҳои оилавӣ». 18.15 Киномазҳакаи «Одам-кадиллак». 20.00 Время. 20.35 Сериали «Истгоҳ мувофиқи хоҳиш». 21.40 Серпантини мусиқӣ. 22.25 Олами атрофамон. 23.05 Филми бадеии «Шарикон». 00.35 Ахбор. 1.10 Шаб ба хайр.

ПАНҶШАНБЕ 15

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35, 17.55 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рўзномаҳо. 9.00 «Ҷазирачаи ҳарфҳои сеҳрнок». Бачаҳо ва калонсолон. 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Мулк. 10.25 Қисми якуми филми бадеии «Худро гум кардан». 11.35 Дунёи рангин. 11.55, 13.55, 16.35 Эълони барномаҳо. 12.05 Варзиш. 12.20, 15.45 ТВ клип. 12.30 Мувозанат. 12.55 Ўзбекистон Ватани ман. 13.25 Сериали «Ошин». 14.10 Чемпионати Осиё аз рўи таэквандо. 14.35 Қисми дуюми «Худро гум кардан». 15.55 Зан дунёро мечунбонад. 16.15 Соати парлумонӣ. 16.40 Нақшаҳо ба портрет. 17.00 Ман мисли бобоям шудан меҳоҳам. Цирк. 18.10 Ўзбекистон: ҷавонони асри ХХ1. 18.30 Телелотереяи «Яхши ният». 19.05 Гаҳвораи тиллоӣ. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор. 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 Ахбор. 21.05 Телемулоқот: авлоди солим — ояндаи мо. 21.40 Сурудам ба шумо армуғон. 22.05 Ҳаёти саҳна. 22.30 Дар сари роҳ. 22.50 Сериали «Филипп Марлоу». 23.40 Ахбор-дайҷест. 00.05 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Студияи «Авлоди нав». 9.30 Мултсериал. 9.45 Бачаҷон. 10.05 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.15 Сериали «Эсмералда». 10.45 Ракурс. 11.05 Видеофилми «Мутал Бурҳонов». 11.20 Қитъаи варзиш. 11.50 Асрори чемпион. 12.10 Мултфилм. 13.25 Интерфутбол. 15.05 Овози ҷавонон. 15.25 Қисми дуюми «Ҳамроз». 16.40 Бо оташ рў ба рў. 16.55 Сериали «Ҳудуди ҳақиқат». 17.30 Эълони намоишҳо. 17.35 Бозӣ кун бачаҷон, бозӣ. 17.50 Студияи «Авлоди нав». Кабутари сафед. 18.15 Мултсериал. 18.20 Дар олами табобат. 18.40 Навоҳои шом. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Эълони барномаҳо. 19.40 Давр-сўҳбат. 19.55 Оҳангҳои куҳан. 20.00 Қисми дуюми видеофилми «Мутал Бурҳонов». 20.15 Бегойим. 20.35 Ишқи ёр. Дастури мусиқӣ. 20.50, 21.25, 22.35 Эълонҳо. 20.35 Сериали «Эсмералда». 21.30 Овози ҷавонон. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.05 Интерфутбол. 23.50 Давр. 1.00 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Фиребгарони қаҳвахонаи «Офисина»(охираш). 17.50, '19.15, 22.20 Телегазетаи «Экспресс». 18.05 Мултфилм. 18.15 Навниҳол. 18.30, 20.00, 21.20, 23.10 Пойтахт. 18.50 Фасли камолот. 19.30 «Умр йўлдоши». 20.30 Сериали «Ҳозир ва ё ҳеҷ вақт». 21.40 Сабақҳои зиндагӣ. 22.35 Кинонигоҳ. «Шамшери ритсар». 00.10 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

6.30—8.00 Намоишҳои ТҶР. 15.30—16.00 Намоишҳои ТВ Туркия. 16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Вести. 16.20 CFI тақдим мекунад. Кишвари ҷашнҳо. 16.45 Аз хазинаи вақт. 17.05 Навигариҳои «Евронюс». 17.15 Сериали «Риштаҳои оилавӣ». 18.15 Филми бадеии «Гранд-отел». 20.00 Время. 20.35 Сериали «Истгоҳ мувофиқи хоҳиш». 21.40 Одамони кордон. 22.00 Дунёи авиатсия. 22.20 Соккар клуб. 22.40 Кинематограф. Филми бадеии «Агентии Нури моҳ». 00.15 Ахбор. 00.50 Шаб ба хайр.

ҶУМЪА 16

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35, 17.35 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рўзномаҳо. 9.00 Ман мисли бобоям шудан меҳоҳам. Сирк. 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Филми бадеии «Поли—тўтии аҷоиб». 11.30 Ўзбекистон: ҷавонони асри ХХ1. 11.50, 16.50 ТВ клип. 12.05 Истиқболи фарнамон. 12.25, 13.55, 16.00 Эълони барномаҳо. 12.30 Ҳаёти саҳна. 12.55 Сурудамон ба шумо армуғон. 13.20 Телеалманахи «Олам». 14.10 Дар сари роҳ. 14.30 Филми бадеии «Марафони тирамоҳӣ». 16.05 Бастакорони Ўзбекистон. 16.30 Сабақҳои ҳуқуқ. 17.00 «Саргузаштҳо дар шоҳигарӣ». Мултсериал. Телемусобиқаи «Фикр кун, ҷўй, ёб». 18.10 Қадамҳои тиббиёт. 18.25 Телеалманахи «Ин фасли аҷиб». 18.45 Тафсилот. 19.05 Ба сўи ҳидоят. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор. 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Нашидаи истиқлол. 20.30 Ахбор. 21.05 Роҳи тараққиёт. 21.25 ТВ клип. 21.35 Сериали «Ошин». 22.05 Дар олами сиёсат. 22.20 Варзиш. 22.35 Ахбор-дайҷест. 22.55 Чемпионати Ўзбекистон аз рўи футбол. «Пахтакор»—«Насаф». 00.30 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Студияи «Авлоди нав» Кабутари сафед. 9.30 Мултсериал. 9.45 Бозӣ кун бачаҷон, бозӣ. 10.00 Давр-сўҳбат. 10.15 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.30 Сериали «Эсмералда». 11.00 Қисми дуюми видеофилми «Мутал Бурҳонов». 11.15 Ҳазору як маслиҳат. 11.35 Мултфилм. 13.00 Овози ҷавонон. 13.20 Сериали «Саргузаштҳои зериобии командаи Касто». 14.10 Бегойим. 14.30 Интерфутбол. 16.10 Филми бадеии «Пуффаки сеҳрнок». 17.15 Азизам. 17.55 Эълони намоишҳо. 18.00 Студияи «Авлоди нав». Майдончаи варзиш. 18.20 Ҳуқуқ ва вазифа. 18.40 Навоҳои шом. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Эълони барномаҳо. 19.40 Оҳангҳои куҳан. 19.45 Овози ҷавонон. 20.05 Қисми сеюми видеофилми «Мутал Бурҳонов». 20.20 Давр-сўҳбат. 20.30 Сурудҳои ҷавонӣ. 20.50, 21.25, 22.35 Эълонҳо. 20.55 Сериали «Эсмералда». 21.30 Мактубҳои сарбозон. 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.05 Шоҳони ринг. 00.05 Давр. 00.20 Сериали «Ҳудуди ҳақиқат». 1.00 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Филми бадеии «Туро чуста». 17.55, 19.20, 22.20 Телегазетаи «Экспресс». 18.10 Экран ба хурдтаракон. 18.30, 20.00, 22.00, 22.35 Пойтахт. 18.50 Т.Алиматов. Намоиши аввали «Нохуни тиллоӣ». 19.35 Дар хизмати мардум. 19.50 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 20.30 Сериали «Ҳозир ва ё ҳеҷ вақт». 21.20 Сабақҳои зиндагӣ. 23.00 Кинонигоҳ. Қисми якуми «Майерлинг».00.05 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

6.30—8.00 Намоишҳои ТҶР. 15.30—16.00 Намоишҳои ТВ Туркия. 16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Вести. 16.20 Мултсериал. 17.00 «Евронюс». 17.15 Сериали «Риштаҳои оилавӣ». 18.15 Инсон ва қонун. 18.50 Майдони мўъҷизаҳо. 20.00 Время. 20.35 Консерти Лев Лешенко. 22.30 Дурдаршан. 22.55 Филми бадеии «Падари нисагӣ». 00.25 Ахбор. 1.00 Шаб ба хайр.

ШАНБЕ 17

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рўзномаҳо. 9.00 Телемусобиқаи «Фикр кун, ҷўй, ёб». Мултсериал. 10.00 Ба сўи ҳидоят. 10.20, 12.50, 16.30 Эълони барномаҳо. 10.25 Варзиш. 10.40 Роҳи тараққиёт. 11.00 Сеҳри зарбҳо. 11.25 Видеофилм. 12.30 Дар мактубҳо ҳаёт. 12.55 Филми бадеии «Маликаи аз Моҳ фуромада». 14.45 Телеалманахи «Маърифат». 15.05, 17.25 ТВ клип. 15.15 Нависанда ва замон. Шеър ва шуур. Дунёи адабиёт. 16.00 Дар оилаи ягона. 16.35 Аския. 17.00 Кинонамоиши «Оилаи хурдтаракон». 17.35 Дунёи рангин. 18.00 Телешоуи «Майдончаи мўъҷизаҳо». 19.00 Таронаҳои эстрадӣ. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 Ахбор. 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 Ахбор. 21.05 Телешоуи «Арўсу домод». 22.15 Дар шоми шанбе. 22.40 Ахбор-дайҷест. 23.00 Қисми якуми филми бадеии «Ватанпарвар». 00.20 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

7.55 Эълони намоишҳо. 8.00 Субҳи Давр. 9.00 Студияи «Авлоди нав». Майдончаи варзиш. 9.20 Мулттамошо. 9.35 Дар олами табобат. 9.55 Давр-сўҳбат. 10.05 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.20 Сериали «Эсмералда». 10.50 Овози ҷавонон. 11.10 Қисми сеюми «Мутал Бурҳонов». 11.25 Сурудҳо дар бораи Ватан. 11.35 Шоҳони ринг. 12.35 Меҳмони нохонда. 12.55 Филми бадеии «Одамони баҳр». 14.25 Теннис. 15.05 Чеҳраи ситораҳо. 15.30 Сериали ҳуҷҷатии «Экспедитсия». 16.20 Видеофилми «Падар». 16.40 Сериали «Рамаяна». 17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Студияи «Авлоди нав». Танаффуси калон. 17.40 Аз забони кўдак. 18.10 Футбол ҷамъ. 18.30 Каталог. 18.40 Навоҳои шом. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.35 Эълони барномаҳо. 19.40 Оҳанрабо. 20.15, 20.50, 22.35 Эълонҳо. 20.20 Қисми якуми филми бадеии «Сардор». 20.55 Сурудҳои ҷавонӣ. 21.10 Видеофилми «Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон». 21.45 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр. 22.40 Таронаҳои шабона. 22.50 Кинотакдим. 23.10 Филми бадеии «Азоби хотира». 00.50 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Экран ба хурдтаракон. 17.40 Ҷуғрофияи ҷаҳон. 18.25, 19.45, 21.20 Телегазетаи «Экспресс». 18.40 Ба мисли гавҳар. 19.00 Пойтахт. Аз шанбе то шанбе. 19.20 Ташриф. 20.00 Варзиш-клуб. 20.20 Табрику муборакбод мекунем. 21.00 Пойтахт. Аз шанбе то шанбе. 21.35 Сабақҳои зиндагӣ. 22.15 Ҳамшаҳриён. 22.40 Кинонигоҳ. Қисми дуюми «Майерлинг». 23.50 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

9.00 Эълони намоишҳо. 9.05 Дар ТВ 1У мусиқӣ. 9.10 Барномаи хандаи Е.Петросян. 9.45 Лаззат. 10.05 Машҳурон. Регимонтис Адоймантис. 10.35 Навигариҳои CFI. 10.45 Забони англисӣ барои шумо. 11.10 Фан тайм. 11.20 Дил ба дил пайванд. 11.50 Мултфилм. 13.15—14.15 Видеоканали «Дўстӣ»: Ўзбекистон хонаи умумии мо. Дар хонадони саҳӣ. Бизнен мирас. 16.00 Эълони намоишҳо. 16.05 Бунафша. 16.30 Рўзонаи Британия. 16.50 Ченаки панҷум. 17.15 Консерт бо иштироки Валерия. 17.55 Е.Петросян таклиф мекунад. 19.00 Телебозии «Кӣ миллионер шудан меҳоҳад?». 20.00 Время. 20.30 Киномазҳакаи «Бўсаи фарангӣ». 22.35 Маҳсулоти Ўзбекистон. 22.45 Канали шабона: «Ҳоло дер нест...». 22.50 Ҳамсиннон. 23.20 Шлягер. 23.35 Дар ёд доред? 23.45 Вояж. 24.00 Муз zone. 00.15 Воситаи зиндагӣ. 00.30 Хўроки шом. 00.45 Ҳалқаи панҷум. 1.00 Эълони барномаҳо. 1.10 Филми бадеии «Маликаи Канар». 2.25 Шаб ба хайр.

ЯКШАНБЕ 18

Ўзбекистон I

6.00 Ассалом, Ўзбекистон. 8.00 Ахбор. 8.35 Камалак. 9.05 Аҷоибот. 9.20 Мултфилм. 10.00 Ба ватанам хизмат мекунам. 11.00 Меҳри модар. 11.20, 14.50, 17.55 Эълони барномаҳо. 11.25 Телемусобиқаи «Бозиҳои шавқовар». 12.00, 16.45 ТВ клип. 12.10 «Қармоқ». Спектакли театри драмаи вилояти Андиҷон. 13.25 Телешоуи «Майдончаи мўъҷизаҳо». 14.25 Оҳангҳои замини куҳан. 14.55 Филми бадеии «Асрори қасри Бургунд». 16.25 Гавҳаи қалб. 16.55 Ғунчаҳои санъат. Телебозии «Тоҷи тиллоӣ». 18.00 Солҳои талабагиам. 18.25 Ҳокимияти чорум. 18.45 Телелотереяи «Оқ олтин». 19.15 Як ҷуфт суруд. 19.25, 20.00, 20.25, 21.10 Эълонҳо. 19.20 Таҳлилнома. 20.05 Сурудамон ба шумо армуғон. 20.30 Таҳлилнома. 21.15 Дар рўзи якшанбе ҳамроҳи шумо. 21.40 Панди падарон. 22.40 Барномаи варзишӣ. 23.00 Дар олами кино. 23.20 Қисми дуюми «Ватанпарвар». 00.40 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

7.55 Эълони намоишҳо. 8.00 Субҳи Давр. 9.00 Студияи «Авлоди нав». 9.25 Футбол ҷамъ. 9.45 Давр-сўҳбат. 10.00 Заковат. 10.50 Сурудҳо дар бораи Ватан. 11.00 Видеофилми «Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон». 11.35 Марди майдон. Мактубҳои сарбозон. 12.15 Дастархони пурфайз. 12.30 Нокаут. 12.55 Асрори чемпион. 13.15 Филми бадеии «Инспекторҳо». 14.45 Ҳамсинни деҳотиам. 15.05 Сериали ҳуҷҷатии «Экспедитсия». 15.55 Оҳангҳои куҳан. 16.05 Сериали «Рамаяна». 16.40 Эълони намоишҳо. 16.45 Студияи «Авлоди нав». Вазифаи хонагӣ. 17.05 Мултфилм. 17.15 Ҳафтаномаи варзиш. 17.30 Барномаи маърифии «Сайёраи сеюм». 18.20 Очун. 18.45 Навоҳои шом. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр-навигариҳо. 19.20 Сурудҳои муҳаббат ва ҷавонӣ. 19.35, 20.20, 22.30 Эълонҳо. 19.40 Қисми дуюми «Сардор». 20.25 Зина ба зина. 20.55 Оҳангҳои мозӣ. 21.10 Видеофилми «Вилояти Сурхондарё». 21.50 Мероси тиллоӣ. 22.00 Давр дар як ҳафта. 22.35 Таронаҳои шабона. 22.45 Филми бадеии «Дўстам Ҷо».00.20 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Экран ба бачаҳо. «Чуманҷӣ». 18.55, 20.10, 22.00 Телегазетаи «Экспресс». 19.10 Ҷуғрофияи ҷаҳон. 20.00 Телефакт. 20.25 Табрику муборакбод мекунем. 21.00 Пойтахт. Аз шанбе то шанбе. 21.20 Сабақҳои зиндагӣ. 22.15 Кинонигоҳ. «Фиръавнҳо ва Робертсонҳо». 23.45 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

9.00 Эълони намоишҳо. 9.05 Дар ТВ 1У мусиқӣ. 9.10 Қайдҳои ғайрироҳии Д.Крилов. 9.30 Ҳангоме, ки ҳама дар хона. 10.10 Дастури информатсионӣ-истироҳатии «Кайфият». 11.40 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 11.50 Забони франсавӣ. 12.15 Зинат ва қимати экран. 12.40 Мултсеанс. 13.00—14.00 Видеоканали «Дўстӣ». Дидар. Айчурек. 15.55 Эълони намоишҳо. 16.00 А.Пугачёва, Н.Басков, Ф.Киркоров дар барномаи «Консерти калон». 17.50 Дисней клуб. 18.10 Донистан меҳоҳам. 18.25 Ассалом, Франсия. 18.45 Ҳикоя. 19.05 Филми бадеии «Наздикии қалбакӣ». 20.35 Мюзикхол. 21.00 Ҳафт рўз. 21.25 Микрофони тиллоӣ. 21.55 Кинопрофӣ. 22.10 Филми бадеии «Канонерка». 23.50 Таҳлилнома. 00.25 Шаб ба хайр.

Ҷои мо дар куҷост?

Барномаи тараққиёти СММ маърўзаи соли 2002-ро эълон намуд

Аз соли 1990 инҷониб Барномаи тараққиёти Созмони Милали Муттаҳид ба коршиносони холис омода намудани Маърўзаи солро месупорад, ки он баъдан маъруф ба номи Маърўзаи ҷаҳонии инкишофи инсон эълон мегардад. Ё ба таври дигар он ҷои давлатҳои ҷаҳонро аз нигоҳи сатҳи зиндагӣ муайян месозад.

Дар Маърўзаи номбурда қариб ҳамеша ҷамъиятҳои мамлакатҳо аз се лиҳоз омўхта мешаванд: дастёбӣ барои маълумотгирӣ, некуаҳволии умумӣ ва синни миёнаи умри инсон. Имсол аҳволи 173 мамлакати ҷаҳон аз ин ҷиҳатҳо ва чанд маҳаки дигар тадқиқ шудааст, ки кишвари Норвегия аз сарсатри ин рўйхат ҷойгир гаштааст. Дар сатри дуюм ҳамсояи он Шветсия ва сеюм Канада мақом гирифтааст. Боз як мамлакати Урупои шимолӣ—Белгия аз ин рўйхат дар ҷои чорум буда, «қитъаи сабз» Австралия панҷгонаи беҳтарини ин таснифоти СММ-ро хотима бахшидааст.

Таснифи 173 мамлакат боз ба се гурўҳ тақсим мегардад, ки аввалӣ мамлакатҳои мутараққии ҷаҳонро, ки сатҳи инкишофи зарфияти инсон дар онҳо баланд аст (53 кишвар), фаро мегирад. Ва дар ин гурўҳи беҳтарин мамлакатҳо се ҷумҳурии собиқи шўравӣ (Эстония—42, Литва—49, Латвия—53) низ ҷой дода шудаанд, ки худ далели аз дигар ҳамватанони собиқашон як сару гардан баланд будани сатҳи зиндагии онҳо аст.

Тамоми дувоздаҳ ҷумҳурии собиқи бародарӣ дар сутуни дуюм қарор гирифтаанд, ки онҳо чун мамлакатҳои сатҳи инкишофашон миёна шинохта шудаанд. Ва дар ин гурўҳи кишварҳои миёнаҳол аз ҳама ҷумҳуриҳои ИДМ Ҷумҳурияти Белорус (дар ҷои 56) болотар мебошад, ки баъд аз он Федератсияи Русия (60), Арманистон (76), Қазоқистон (79), Украина (80), Гурҷистон (81), Туркманистон (87), Озарбойҷон (88) дар таснифи коршиносони СММ ҷой дода шудаанд. Ўзбекистон, ки дар сатри 95 ҷойгир шудааст, ҳамсоягони дигари худ—Қирғизистон (102) ва Тоҷикистонро (112) ақиб гузоштааст. Ҷумҳурияти Молдова низ аз онҳо дур нарафтааст (105).

Тавре ки гуфтем, дар ин маърўза дигар ҷиҳатҳои ҳаёти иҷтимоии мамлакатҳо низ тасниф гаштааст, ки яке аз онҳо инкишофи имконоти занон мебошад. Бояд гуфт, ки дар ин таблитса дар рў ба рўи аксарияти мамлакатҳо ҳеҷ рақаме навишта нашудааст, ки он аз ба даст оварда натавонистани маълумот дар ин замина далолат менамояд, ки аз ҷумла дар сатри «Ўзбекистон» низ.

Як таблитсаи дигар оварда шудааст, ки он инкишофи зарфияти инсонро дар мамлакатҳои зикршуда дар солҳои пешин номбар карда, онро бо рақамҳои имрўз муқоиса кардааст. Аз он дида мешавад, ки Ўзбекистони мо соле пеш дар ҷои 94-ум қарор доштааст, ё худ нисбат ба соли 1990 (дар байни 135 мамлакат) 16 сатр поён рафтааст. Аз ҷумҳуриҳои собиқи шўравӣ ягона кишваре, ки аз ҷиҳати даромади сарикасӣ сатҳаш ҳатто аз вазъи солҳои 1981-85 поён аст, Гурҷистон мебошад. Барои ин ҷумҳурии хурди собиқ сарватманд имрўз хеле сахт аст, ки пас аз парокандагии мамлакати шўроҳо аз як ҷумҳурии ободу ором ба як гўшаи ҷангу бенизом табдил ёфт. Дар фазои ҳудуди собиқи шўравӣ имрўз ҷумҳурие нест, ки то ба сатҳи инкишофи соли 1990 расида бошад ва хусусан даромадашро ба ҳар сари кас ба он ҳаҷм расонда тавонад.

Дар тақдими ин маърўза мушовири Барномаи тараққиёти СММ доир ба инкишофи инсон Шаҳрбону Тоҷбахш ба ин далел гуфт, ки дар қаламрави ИДМ дар даҳ соли охир қашшоқон низ аз 7 то 17 миллион нафар афзудаанд.

Таснифи кам шудан ё афзоиши қашшоқӣ, бо мактаби ибтидоӣ ва миёна фаро гирифтани бачаҳо ва коҳиш додани фарқи байни духтарон ва писарон дар мавриди саводомўзӣ, муриши кўдакон, бо оби ошомиданӣ фаро гирифтани аҳолӣ дар маърўза бисёр муфассал таҳлил гардида, онҳо дар партави вазифаҳое, ки дар ҷаласаи ҳазораи Созмони Милали Муттаҳид моҳи сентябри соли 2000 бо иштироки тақрибан ҳама роҳбарони давлатҳои аъзои СММ ба назди онҳо гузошта шуда буд, омўхта шудаанд ва хулосаҳои коршиносон мураттаб эълон гаштааст. Ва дар ин таснифот низ бисёре аз сатрҳо бино ба пайдо нагардидани маълумот холӣ мондааст. Он вазифаҳое, ки роҳбарони давлату ҳукуматҳо ба ўҳда гирифтаанд, то соли 2015 то ним миқдор кам намудани онҳое, ки аз қашшоқӣ азият мекашанд, масъалаи муҳими солҳои наздик шумурда шудааст. Ба мавзўи муриши кўдакони то панҷсола низ дар мааърўза ҷойгоҳи махсус дода шудааст. Дар ин масъала ба ўҳдаи роҳбарони кишварҳо аз се ду қисм кам намудани коэффисиенти муриши кўдакони то панҷсола гузошта шуда буд. Ва маҳз дар ҳамин сатр дар рў ба рўи Ўзбекистон ифодаи «ақибнишинӣ» истифода гаштааст.

Гурўҳи сеюми таснифот мамлакатҳоеро дарбар гирифтааст, ки зарфияти инкишофи инсон дар онҳо паст аст. Ин тоифа мамлакатҳо аз Покистон (ҷои 138) оғоз ёфта, бо Серра-Леоне (173) ба поён мерасад. Ва ин гурўҳро ҳатто «гурўҳи ҳамбастагии кишварҳои Африқо» номидан мумкин аст, ки тамоми мамлакатҳои ҷануби Саҳара дар он ҷой гирифтаанд. Агар амиқтар нигоҳ кунем, зуд ба назар мерасад, ки дар ин мамлакатҳо ҳоло ҳам силсилаҷангҳо ҳукмронӣ мекунанд ва ё тоза сарашон аз ҷанг баромадааст. Ба таври мисол Бурундӣ, Эритрея, Ангола, Нигерия, Руанда, Серра-Леоне барин мамлакатҳо танҳо ба хотири ноороми ин кишварҳо ба забон гирифта мешаванд. Ва табиист, ки дар ин мамлакатҳои ноором ба даст овардани маълумот низ хеле сахт мебошад. Аз ин боис дар бобати саводнокӣ аз 93 мамлакат, ки 40 фоизи аҳолии ҷаҳонро ташкил менамояд, ягон маълумоте ба даст наомадааст, ки ба хулосае расиданро мушкил месозад. Умуман дар ҷаҳон шашяки бачаҳои синни мактабӣ аз саводомўзии ибтидоӣ бебаҳраанд. Тақрибан 57 мамлакат, ки ҷамъияти онҳо ними аҳолии ҷаҳонро ташкил менамояд, табақаи гуруснаву носери худро ба 50 фоиз кам намудааст ва ё бо назардошти татбиқи ин нақша то соли муқарраршудаи 2015 корро дар ин самт ба роҳ гузошта тавонистааст. Дар давраи солҳои 1990 ҳиссаи аҳолии носер соле ҳамагӣ ба 6 миллион нафар кам мешуд. Ҷунин ҳисоб гаштааст, ки барои пурра аз байн бурдани гуруснагӣ беш аз 130 соли дигар зарур будааст.

Тоҷибой ИКРОМОВ,
шореҳи сиёсии «Овози тоҷик».

Оё шумо медонед?

Фирмаи «Самсунг электроникс»-и Куриёи Ҷанубӣ соати дастӣ-телефонро офаридааст, ки алҳол дар саросари ҷаҳон маҳбубияти калон пайдо мекунад. Вазни соати дастӣ-телефон ҳамагӣ 50 грамм буда, дарозии он ба 67, бараш ба 58 ва ғафсиаш ба 20 миллиметр баробар аст. Вай дар режими бозхонӣ дар тўли 60 соат кор карда, якуним соат бетавақкуф гуфтугузорро амалӣ мегардонад. Баробари ин дар як навбат 30 вазифаи мухталифро ба иҷро расонда метавонад.

xxx

Як гурўҳ ихтироъкорони шаҳри Осака мопедро офариданд, ки тавассути батареяи офтобӣ ҳаракат мекунад. Мопед намуди велосипедро дошта, дар давоми як соат бо суръати 40 километр ҳаракат карда метавонад. Иқтидори манбаи барқ барои ҳаракат кардан ба 120 километр кифоят менамояд.

xxx

Дар ҷашнвораи автомобилҳои таъиноти варзишии ҷаҳон бори аввал автомобиле намоиш дода шуд, ки ихтироъгари он Ҷем Марш мебошад. Ба гуфти ихтироъгар автомобили мазкур дар худ дизайн- ретро ва технологияи замонавии садаи XXI-ро таҷассум гардонидааст ва аз ҳамин сабаб боиси шавқу завқи калони дўстдорони ин намуди автомобил гардидааст.

xxx

Олимони бразилиягӣ зоти нави динозавр-итерозаврҳо мавҷуд буданашро исбот карда доданд. Докторони Рио-де Жанейро—Александр Келлнер ва Диогенеш де Алмейда Компош ба аҳли илм устухонҳои итерозаврҳоро намоиш доданд, ки дар доираи корҳои ҳафриётии худ ба даст овардаанд.

Ба гуфти олимон динозаврҳои мазкур, ки алҳол ба аҳли илм навгонӣ ба ҳисоб мераванд, дар қитъаи Амрико аз мо 110 миллион сол пештар умр ба сар бурдаанд. Дарозии онҳо 1,8 метр буда, дарозии болҳояшон 4,5 метрро ташкил додааст.

xxx

Ба фикри олимон гурбаҳо аз худ ултрасадо мебаровардаанд. Вале онро одамон намешунаванд. Шунидани он танҳо ба мушу калламушҳо насиб мегардидааст.

xxx

Олимони НАСА ҳамроҳи сунъии Ноҳид—Йода об доштанашро аввалин шуда дар дунё бо кўмаки технологияи замонавӣ муайян карда, эълон намуданд. Албатта, оби мазкур алҳол дар ҳолати ях мебошад. Олимон бар онанд, ки дар сайёраи мазкур шароит чандин ҳазор сол муқаддам дигар хел будааст. Ҳамон вақт Ноҳид ситора, ҳамроҳони вай бошанд, сайёра будаанд.

Алҳол олимон ба омўзиши таркиби оби ҳамроҳи сунъии Ноҳид—Йода шурўъ карданд.

xxx

Фили боғи ҳайвоноти Лиссабон барои худ тавассути «ҳунарнамоиаш» қути лоямут меёбад. Тамошобинон ба даруни қафас агар танга партоянд, фил тавассути хартуми худ ресмонеро ба ҳаракат оварда, оҳанги ҷаззоб паҳн месозад, ки ҳам ба тамошогарон ва ҳам барои худи фил мефорад. Фил ба рақс медарояд. Агар пули коғазин партоянд, ҳаракатҳои фил бисёртар гашта, дили тамошогаронро ба ваҷд меорад. Бо ҳамин усул фил барои хўроки худ пул меёбад.

xxx

Дан Вестердахли швейтсарӣ «хобби»—и худро дорад. Яъне аз истиконҳо шаклҳои мухталифро меофарад. Ба қарибӣ вай аз 3654 истикон манораеро «қад» кашонд, ки шакли эҳромро дошт. Бо ин вай рекорди аввалаи худро нав кард. Зеро пештар аз 2752 истикон манораи эҳромшаклро офарида буд.

xxx

Стенли Пегер Берги австриягӣ 216 килограмм вазн, 165 сантиметр ғафсии миён дошт. Аз ҳамин сабаб аз қобилияти меҳнат кардан тамоман маҳрум гашта буд. Баъдтар табобат карда, вазнашро ба 95 килограмм фуровард.

Сабаби асосии фарбеҳшавӣ пурхўрӣ буд. Охир, на ҳар кас дар наҳорӣ 4 сабмўса, 2 тухм, 1 литр шир, 6 банан, 4 дона себ, 3 дона афлесун, гўшту маска ва ғайраро тановул карда метавонад. Аммо Берг онро хўрда, мунтазири хўроки навбатӣ мегардид. Вале пешхизматчиён аз додани хўрок худдорӣ мекарданд.

Вақте ки хўрокхўриро кам кард, вазни вай худ аз худ кам шуд.

xxx

Вазни дугоникҳо Бен ва Билли Гундеронҳои амрикоӣ беш аз 0,5 тонна буд. Бен 252 килограмм, Билл бошад, 288 килограмм вазн доштанду ба ғайр аз хўрок хўрдан дигар корро намедонистанд.

Мартин Руани паҳлавон бошад, баробари қадбаландӣ—210,8 сантиметр, 270 килограмм вазн дошт. Ба гуфти муаррихон ў вазни худро ба 317 килограмм расонда, мариз гашта будааст. Вазни Артур Армитчи қаҳрамони соли 1970 аз рўи вазнбардорӣ 252 килограмм буд. Пас аз парҳез вазнашро ба 115 килограмм фуроварду унвони қаҳрамониро аз даст дод. Аз ин рў соли 1985 вазни худро ба 306 килограмм расонда, унвони чемпиониро ба худ баргардонд.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рўзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ўзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 743.
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шўъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:Т. ИКРОМОВ.
Мусаҳҳеҳон: Ф. ДОНИЁРОВА, Ҳ. КАМОЛИДДИНОВА.
Саҳифабанд: Х. ТЎХТАЕВА.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шўъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.